Маҳмудзода,[15] Х.С. Салимов,[16] Х.С. Сафарзода,[17] Р.И. Шарипов,[18] Н.Б. Азимзода,[19] С.Э. Баҳриддинзода,[20] О.У. Усмонов[21], Н. Шонасриддинов[22], А.Д. Ғафуров[23], Ш.Т. Тағойназаров[24], З.Х. Искандаров[25], И.Т. Маҳмудзода,[26] Ф.А. Мирзоаҳмедов,[27] А.К. Назаров,[28] В.А. Абдуҳамидов,[29] У.А. Азиз-

---

[12]Ниг.: Достиев А.С. Некоторые вопросы развития и совершенствования Конституции Республики Таджикистана/Государство и право (Душанбе). -2001. – № 3. С. 8-15.

[13]Ниг.: Имомов А.И. Конституционно – правовые проблемы развития Республики Таджикистан (1992-1998). – Душанбе, 1998. – 207с.

[14]Ниг.: Менглиев Ш.М. Совершенствование законодательства о возмещении морального вреда//Государство и право (Душанбе). 1998. – № 1. – С. 29 -30

[15]Ниг.: Махмудзода М.А. Основные пути реформы семейного законодательства в Таджикистане//Материалы 2-й мсждунар. научн. – практ. конф. «Место Таджикистана в новом международном порядке». – Душанбе, 1997. – С. 84-86.

[16]Ниг.: Салимов Х.С. Всеобщая декларация прав человека и Конституция Республики Таджикистан//Конституционное развития Таджикистана и США. Душанбе, 1996. – С. 19-23.

[17]Ниг.: Сафарзода, Х.С. Предупреждение вовлечения молодежи в экстремистские организации: методическое пособие [Текст] / Х.С. Сафарзода. – Душанбе: Академия МВД Республики Таджикистан, 2017. – 31 с.

[18]Ниг.: Шарипов Р.И. Уголовная ответственность за мошенничество по законодательству Республики Таджикистан: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2012. – 21 с.

[19]Ниг.: Азимзода Н.Б. Теоретические основы имплементации норм международного права в уголовном законодательстве Республики Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2013. – 441 с.

[20]Ниг.: Бахриддинзода С.Э. Вопросы соблюдения техники уголовного законодательства в современных условиях в
Республике Таджикистан // Правовая жизнь. 2017. № 2 (18). С. 98 102.

[21]Ниг.: Усмонов О.У. К проблеме истории гражданского законодательства Республики Таджикистан: становление гражданского законодательства в Северном Таджикистане//Государство и право (Душанбе). -2000. -№ 1. – С. 42-48.

[22]Ниг.: Шонасридинов Н. Правовые основы предпринимательской деятельности в аграрном секторе экономики Республики Таджикистан//Конституционное развития Таджикистана и США. – Душанбе, 1996. -С. 94-99.

[23]Ниг.: Гафуров А.Д. Правовое регулирование банковской деятельности в Республике Таджикистан: монография. – М., 2010. – 209 с.

[24]Ниг.: Тагайназаров Ш.Т. Право на честь, достоинство и деловая репутация //Государство и право (Душанбе). – 2000. – № 3. С. 29 – 36.

[25]Ниг.: Искандаров З.Х. Правовые основы защиты прав человека в уголовном процессе Республики Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – Ташкент, 2010. – 405 с.

[26]Ниг.: Махмудзода И.Т. К вопросу о прокурорском надзоре за соблюдением законодательства в сфере предпринимательской деятельности // Проблемы развития предпринимательства в Республике Таджикистан: теория и практика (материалы республиканского научно-теоретического семинара, посвященного 50-летию доцента кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета ТНУ Бобокалонова Г.М.). – Душанбе: ТНУ, 2014. – С. 79-89.

[27]Ниг.: Мирзоахмедов Ф.А. Ҷиноятҳо ба муқобили андозсупорӣ // Маводди Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015. – Душанбе, 2015. – С. 562-563.

зода,[30] Ҷ.З. Маҷидзода,[31] К.Д. Давлатзода,[32] З.А. Камолов[33] ва дигарон бахшида шудаанд.

Дар таҳқиқи чунин масъалаҳои ҳуқуқӣ, аз қабили «амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ» «ретроактивӣ будани қонуни ҷиноятӣ», «ултрафаъолнокии (таҷрибаи) қонуни ҷиноятии кӯҳна», «баргаштпазирии қонун ҳангоми ғайри декриминаликунони кардани кирдор» «зиддияти ( бархӯрди) ду қонуни ҷиноятӣ: кӯҳна ва нав», «меъёрҳои амали фаврии қонунҳои ҷиноятӣ» «баргаштнопазирии қонуни сахти ҷиноятӣ» «санҷиши аслияти қонун ва амали қонуни ҷиноятӣ бо мурури замон», «қонунгузор ва эътибори баръакси қонун» «усулҳои ба қонуни ҷиноятӣ додани эътибори баръакс», «принсипҳои амали қонуни ҷиноятӣ», «асосноккунии ахлоқии ретроактивӣ будани қонуни ҷиноятӣ» ва ғайра олимони сершумори хориҷӣ, аз ҷумла Б. Котляревский,[34] А.Д. Градовский,[35] С.П. Мокринский,[36] Н.С. Тагантсев,[37]

---

[28]Ниг.: Назаров А.Қ. Мафҳум ва намудҳои ҷиноятҳо дар соҳаи манфиатҳои корхонаҳои тиҷоратӣ // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015. – Душанбе, 2015. – С. 560-562.

[29]Ниг.: Абдухамитов В.А. Уголовное право: учеб. -метод. пособие (Особенная часть). – Душанбе: РТСУ, 2013. – 81 с.

[30]Ниг.: Азиззода У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 413 с.

[31]Ниг.: Маҷидзода М.З. Преступность современного Таджикистана: предварительные подходы к исследованию // Правовое поле современной экономики. – 2015. – № 12. – С. 176-183.

[32]Ниг.: Давлатзода К.Д. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с вымогательством: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 175 с.

[33]Ниг.: Камолов, З.А. Система наказаний по Уголовному кодексу Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, 2009. – 193 с.

[34]Ниг.: Белогриц-Котляревский Л.С. Учебник русского уголовного права: Общая и особенная часть [Текст] / Л.С. Белогриц-Котляревский. -Киев, 1903. -628 с.

[35]Ниг.: Винокуров В.Н. Квалификация деяний при нарушении норм Уголовного кодекса Российской Федерации, Кодекса Российской Федерации об административных правонарушениях и должностных инструкций // Современное право. 2013. № 7.

[36]Ниг.: Мокринский С.П. Новый закон и старые гарантии (о действии уголовного закона в пределах времени) // Журнал министерства юстиции. 1909. № 3.

[37]Ниг.: Таганцев Н.С. Русское уголовное право. Лекции. Часть общая. В 2-х т. Т.1. М.: Наука, 1994. С. 73.

П.П. Пустороcлев,[38] М.П. Чубинский,[39] М.И. Блум,[40] А.И. Бойтсов,[41] Я.М. Брайнин,[42] А.А. Тилле,[43] М.Д. Шаргородский,[44] саҳми худро гузоштаанд.

Як қатор масъалаҳои муҳими татбиқи қонунҳои ҷиноиро вобаста ба доираи амали онҳо бо мурури замон, ғайр аз олимони зикргардида, боз аз ҷониби Б.В. Волженкин,[45] А.А. Гертсензон,[46] И.И. Горелик,[47] Т.Г. Даурова,[48] Н.Д. Дурманов,[49] С.Г. Келина,[50] М.И. Ковалев,[51] Ю.И. Ляпунов,[52] И.И. Солодкин,[53] И.С. Тишкевич,[54] Я.М. Брайнин,[55] А.И. Бойтсов ва Б.В. Волженкин[56] мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар марҳилаи муосири рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳқиқоти монографӣ ва диссертатсионӣ мавҷуданд, ки дар байни онҳо асарҳои А.Н. Игнатов,[57] А.М. Медведев,[58] А.С. Михлин,[59] А.Е. Якубов,[60] А.Н. Барканов,[61]

---

[38]Ниг.: Гесиод. Полное собрание текстов. Теогония. М., 2001.

[39]Ниг.: Чубинский М.П. Обратное действие уголовного закона. Киев, 1896.

[40]Ниг.: Блум М.И., Тилле А.А. Обратная сила закона. Действие советского уголовного закона во времени. – М.: Юридическая литература, 1969 Блум М.И., Тилле А.А. Обратная сила закона. Действие советского уголовного закона во времени. – М.: Юридическая литература, 1969.

[41]Ниг.: Бойцов А.И., Волженкин Б.В. Уголовный закон: действие во времени и пространстве: Учебное пособие. СПб., 1993.

[42]Ниг.: Брайнин Я.М. Уголовный закон и его применение. М.: Юридическая литература, 1967.

[43]Ниг.: Тилле А.А. Время, пространство, закон. Действие советского закона во времени и пространстве. М., 1965.

[44]Ниг.: Шаргородский М.Д. Некоторые вопросы учения о соучастии // Правоведение. 1960. №1.

[45]Ниг.: Волженкин Б.В., Бойцов А.И. Уголовный закон: действие во времени и пространстве. Учебное пособие. – СПб., 1993.

[46]Ниг.: Герцензон А.А. Уголовное право. Общая часть. М., 1948.

[47]Ниг.: Горелик И. Действуют ли промежуточные законы? // Советская юстиция. 1966. № 1.

[48]Ниг.: Даурова Т.Г., Алиходжаева И. С., Лиценбергер О.А. Уголовное право: история и современность. Вопросы Общей части [Текст]: учеб. пособие / Т. Г Дауровой, И.С. Алиходжаева, О.А. Лиценбергер. -Саратов, 2001. -223 с.

[49]Ниг.: Дурманов Н.Д. Учение об уголовном законе [Текст]: курс советского уголовного права. В 6 т. / Н.Д. Дурманов. –М.: Московс.ун-ста., 1970. -319 с.

[50]Ниг.: Келина С.Г., Гельфер Н.А., Гришаев П.И., Здравомыслов Б.В. Советское уголовное право. Общая часть [Текст] / С.Г. Келина, Н.А. Гельфер, П.И. Гришев, Б.В. Здравомыслов. –М., 1961.

[51]Ниг.: Ковалев М.И. Советское уголовное право [Текст]: курс лекций. Советский уголовный закон. / М.И. Ковалев. – Свердловск: Свердловск. юрид. изд., 1974. -226 с.

[52]Ниг.: Ляпунов Ю.И. Обратная сила новых уголовно –правовых норм [Текст] / Ю.И. Ляпунов // Законность. -1994. (№6).

[53]Ниг.: Солодкин И.И. Советский уголовный закон: Курс советского уголовного права в двух томах. Ч. Общая. Т. 1. Л., 1968.

[54]Ниг.: Тишкевич И.С. Вопросы уголовного права в практике Верховного Суда БССР [Текст] / И.И. Горелик, И.С. Тишкевич. -Минск, 1973. –240 с.

[55]Ниг.: Брайнин Я.М. Уголовный закон и его применение. М.: Юрид. литература, 1967.

[56]Ниг.: Бойцов А.И., Волженкин Б.В. Уголовный закон: действие во времени и пространстве. СПб., 1993.

[57]Ниг.: Игнатов А.Н., Красимов Ю.А. Уголовное право. Введение в изучение уголовного права. Уголовный закон [Текст] / А.А. Игнатов., Ю.А. Красимов. –М.: Норма, 1995.

Е.М. Журавлева,[62] М.Г. Мелников,[63] М.Г. Решняк,[64] С.В. Маликов,[65] Л.В. Иногамова-Хегай[66] ва дигаронро номбар кардан лозим аст.

Аммо сарфи назар аз чунин миқдори назарраси таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таҳлили ниҳоди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ, як қатор омилҳои дигаре низ мавҷуданд, ки имкон медиҳанд нокифоя будани коркарди илмию назариявии ин мавзӯъро тасдиқ кунанд. Мавҷуд набудани баррасии масъалаҳои содир кардани кирдорҳои ҷиноятии «давомдор» ва «дарозмуддат»; дар бораи замони кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки бо шарикӣ содир карда шудаанд, инчунин дар бораи таъсири қонунҳои «муваққатӣ» ва ғайра эҳсос карда мешавад, ё аксаран ба тарзи анъанаи устуворгардида шарҳ дода мешаванд, ки ин ба принсипи аз тарафи умум эътирофгардидаи афзалияти ҳуқуқу манфиатҳои шахсият мухолиф аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзӯи кори илмӣ-таҳқиқотии шӯъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон: «Сиёсати ҷиноии Тоҷикистони муосир барои солҳои 2017-2021» омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсадҳои таҳқиқоти мазкур аз инҳо иборатанд:

- таҳлили асосҳои назариявии амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ дар асоси таҷрибаи андӯхташудаи меъёрэҷодкунӣ ва дониши илмӣ;

---

[58]Ниг.: Медведев А.М. Правовое регулирование действия законов во времени // Государство и право. 1995. № 3.

[59]Ниг.: Михлин А.С. Обратная сила закона //Российская юстиция. 1996. №9.

[60]Ниг.: Якубов А.Е. Действие уголовного закона во времени. Курс уголовного права. Общая часть Т.1: Учение о преступлении. Учебник для вузов /Под ред. Н.Ф. Кузнецовой и И.М. Тяжковой. М.: Изд.: Зерцало. 1999. С.105; Ниг.: Якубов А.Е. Обратная сила уголовного закона: некоторые проблемы совершенствования Уголовного кодекса Российской Федерации. СПб.: Юридический центр Пресс, 2003. – 206 с.

[61]Ниг.: Барканов А.Н. Обратная сила уголовного закона / Диссер. на соиск. уч. степ. канд. юр. наук. Саратов. 2000. - С. 96.

[62]Ниг.: Журавлева Е.М. Действие уголовного законодательства Российской Федерации во времени. Диссерт. на соиск. уч. степ. кан. юрид. наук. Москва. 1997. С. 76.

[63]Ниг.: Мельников М.Г. Действие уголовного закона во времени и пространстве. Автореферат диссерт. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Рязань. 1999. С. 105.

[64]Ниг.: Решняк М.Г. Проблемы действия уголовного закона во времени в свете гуманизации уголовного законодательства. Монография. М.: Международный юридический институт, 2012. С. 53.

[65]Ниг.: Маликов, С. В. Время и сроки в уголовном праве России / С. В. Маликов; отв. ред. А. И. Чучаев. – Москва: Проспект, 2019. – 316 с.

[66]Ниг.: Иногамова-Хегай Л. В. Концептуальные основы обновления уголовного законодательства // Уголовное право: стратегия развития в XXI веке: материалы XII Международной науч.-практич. конференции (29—30 января 2015 г.). -М., 2015.

- муайян намудани ҳудуди татбиқи амали муваққатии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани тамоюл ва қонуниятҳои инкишоф ва татбиқи он дар доктринаи ҷиноятии ҳуқуқӣ, инчунин дар меъёрҳои Қисмҳои умумӣ ва махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ;
- таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳое, ки метавонистанд ҳамчун пешзаминаҳои назариявӣ ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа истифода шаванд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот барои диссертант зарур буд вазифаҳои зеринро ҳал намояд:

- муайян намудани қонуниятҳои ташаккул, пайдоиш ва рушди таърихии ниҳоди амали муваққатии қонунгузории ҷиноятӣ;
- таҳияи пешниҳодҳои назариявӣ оид ба масъалаи муайян намудани мафҳуми амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ;
- таҳияи таърифи қонунгузории мафҳуми қирдорҳои барои ҷамъият хавфноки «давомнок» ва «идомаёбанда»;
- муайян намудани қонуниятҳо дар рушди таърихии қонунгузорӣ ва дарки назариявии масъалаҳои қувваи ретроактивии қонуни ҷиноятӣ;
- баррасии назарияҳои илмӣ ба мафҳуми қонуни ҷиноятии «муввақатӣ»;
- таҳияи пешниҳод ва тавсияҳо оид ба такмили меъёрҳои моддаи 12 ва моддаи 13 КҶ ҶТ аз с. 1998;
- таснифи меъёрҳои ҷиноятии ҳуқуқии КҶ ҶТ аз с. 1998, ки ба меъёрҳои амали фаврӣ мансубанд;
- таҳияи пешниҳодҳои асоснокшудаи мушаххас оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ниҳоди мазкур ва таъмини он дар амалияи татбиқи ҳуқуқ.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсионӣ қонуниятҳое мебошанд, ки мазмуни масъалаи ниҳоди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ, қувваи бозгашти қонуни ҷиноӣ ва инъикоси муосири онро дар доктринаи ҷиноии ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ муайян мекунанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** мушаххассозии объекти он ва татбиқи қонуниятҳои мазкур дар доктринаи ҷиноии ҳуқуқӣ, меъёрҳои Қисмҳои умумӣ ва махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ, амалияи тафтишотӣ ва судии истифодаи меъёрҳоеро, ки амали муваққатии қонуни ҷиноятиро танзим мекунанд, дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Ба мақсади омӯзиши низомнок, амиқ ва ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба ҷанбаи муваққатии амалҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба азнавсозии он ва масъалаҳои бавуҷудояндаи қувваи бозгаштии он мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

таҳқиқоти мазкури диссертатсионӣ ба таърихи ин падида бахшида шуда, давраи аз соли 1998 то айни замонро дар бар мегирад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2016-2022 -ро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро таҳлили илмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва муайян намудани омилҳои бунёдии ташаккули ниҳоди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ, ки бояд ба рушди илми ҳуқуқии ҷиноятӣ дар марҳилаи муосир ташкил мекунанд ва инчунин он, ки хулосаю пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқот баёншударо дар фаъолияти татбиқи ҳуқуқ ва такмили минбаъдаи қонунгузории ҳудуди амали КҶ ҶТ аз с. 1998, истифода бурдан мумкин аст.

Инчунин дар рафти кор аз болои диссертатсия таҳқиқоти ҳуқуқшиносону муаррихони шӯравӣ ва пасошӯравӣ дар соҳаҳои фалсафа, психология, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноят, ҳуқуқи ҷиноятии иҷроия, ҳуқуқи ҷиноятии мурофиавӣ, криминология, ҳуқуқи граждании мурофиавӣ, ҳуқуқи граждани ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар рафти таҳияи диссертатсия муаллиф ба асарҳои Б.Котляревский, Е.Владимиров, А.Д. Градовский, В.В. Есипов, Ф. Лист, С.П. Мокринский, Н.А.Неклюдов, Н.С. Тагантсев, П.П. Пустороспев, М.П. Чубинский, М.И. Блум, А.И. Бойтсов, Я.М. Брайнин, А.А. Тилле, М.Д. Шаргородский, Б.В. Волженкин, А.А. Гертсензон, И.И. Горелик, Т.Г. Даурова, Н.Д. Дурманов, А.Н. Игнатов, С.Г. Келина, М.И. Ковалев, Ю.И. Ляпунов, А.Я. Медведев, А.С. Михлин, И.И. Солодкин, И.С. Тишкевич истинод овардааст.

Ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ муаллиф, ҳамчунин ба асарҳои олимони тоҷик дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ А.И. Сафарзода, Т.Ш. Шарипов, М.М. Муллоев, С. Ш. Шаропов, С Г. Сатторов, К.Х. Солиев, У.А. Давлатов, Ф.Х. Тоҳиров, А.Г. Холиқзода, З.М. Ализода, А.С. Достиев, А.И. Имомов, Ш.М. Менглиев, М.А. Маҳмудзода, Х.С. Салимов, С.Э. Баҳриддинзода, О.У. Усмонов, Н. Шонасриддинов, А.Д. Ғафуров, Ш.Т. Тағойназаров, З.Х. Искандаров, И.Т. Маҳмудзода, Ф.А. Мирзоаҳмедов, А.К. Назаров, З.А. Камолов, К.Д. Давлатзода ва дигарон такя кардааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқот маҷмӯи принсип ва назарияҳои умумиилмӣ, методҳои фалсафӣ-ҷаҳонбинӣ ва махсуси илмии омузишии равандҳо ва падидаҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ, аз ҷумла методҳои таърихӣ, муқоисавии-ҳуқуқӣ, расмии-мантиқӣ, оморӣ, низомноки сохторӣ ва усулҳои дигари таҳлил мебошанд.

Истифодаи методи таърихӣ имкон дод, ки генезис, раванди пайдоиш ва ташаккули марҳилаҳои муҳимтарини таърихии рушди ниҳоди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ ба таври пурра таҳлил карда шаванд. Бо ёрии

методи диалектикӣ асосҳо ва шароити ташаккули ниҳоди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ дар қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961[67] то қабули КҶ-и нави ҶТ аз с. 1998 муайян карда шуданд.

Бо истифода аз методҳои мантиқӣ ва расмии ҳуқуқӣ маводи амалии марбут ба ниҳоди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ омӯхта шуда, тавсияҳо оид ба такмили қонуни ҷиноятӣ пешниҳод карда шуданд.

Бо кӯмаки методи муқоисавии ҳуқуқӣ қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ, қонунҳои алоҳидаи амалкунанда ва аз эътибор соқитшуда вобаста ба мавзӯи баррасишаванда мавриди омӯзиш қарор дода шуданд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар раванди таҳияи кори илмӣ бо мақсади муайян кардани принсипҳои инсондӯстӣ ва ахлоқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ниҳоди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ диссертант ба таҷрибаи мақомоти судӣ ва омори расмӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Амалияи судӣ, аз ҷумла, таҳлили 115 парвандаи ҷиноятӣ дар судҳои ноҳияҳои Сино, Шоҳмансур, Фирдавсии шаҳри Душанбе, суди шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои тобеи марказ ва ба ин монанд имконияти гузаронидани таҳлили амиқи муқоисавии ҳуқуқии масъалаҳои таҳқиқшаванда нишон дод, ки мутобиқи ин пешниҳодҳои мушаххаси илман асоснок оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шуда метавонанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки таҳқиқоти мазкур яке аз таҳқиқотҳои аввалин маҷмӯи масъалаҳои марбут ба амал ворид намудани КҶ ҶТ аз с. 1998 ва татбиқи принсипҳои амали муваққатии қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф:

- санадҳои меъёрӣ ва афкори назариявие, ки таҳаввулоти сиёсати ҷиноятии ҳуқуқиро дар соҳаи фаъолияти татбиқи ҳуқуқ инъикос ва таҳким мебахшанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд;
- бори аввал таҳлили низомнокӣ, муқоисавии Кодекси ҷиноятии қаблан амалкунандаи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 ва Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 дар мавзӯи мавриди таҳқиқ дода шуда, пешниҳодҳо оид ба такмили минбаъдаи Кодекси ҷиноятӣ асоснок карда шудаанд;
- бори аввал таърифи муаллифии амали муваққатии қонуни ҷиноӣ дода мешавад, ки зери он бояд «робитаи муайян байни ҳаҷми қонун ва амали рафтори субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ» фаҳмида шавад;
- бори аввал пешниҳод шуд, ки моддаи 12-и КҶ ҶТ аз с. 1998 бо қисмҳои 3 ва 4 бо мафҳумҳои зерин пурра карда шавад: «вақти содир намудани

[67] Уголовный кодекс Таджикской ССР от 17 августа 1961 года [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 215 с.

ҷинояти давомнок замони қатъ гардидани он бо ирода ё бар хилофи иродаи гунаҳкор эътироф карда мешавад»; «вақти содир шудани ҷинояти идомаёбанда лаҳзаи содир намудани кирдори охирини ҷиноятӣ аз ҷумлаи онҳое, ки ҷинояти идомаёбандаро ташкил медиҳанд, эътироф карда шавад (қисми 4, моддаи 12 КҶ ҶТ)»;

- баҳснокии масъалаи он, ки чиро вақти содир намудани ҷиноят бо шарикӣ ва мавҷуд набудани он дар КҶ ҶТ аз с. 1998 шуморидан лозим аст, ошкор карда шуда, аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, ки масъалаи мазкур ба таври қонунгузорӣ ҳал карда шавад ва тезис оид ба иловаи моддаи 12-и КҶ ҶТ аз с. 1998 ба қисми 5 пешниҳод карда шуд: «ҳамчун вақти содир намудани кирдори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок барои шарикон лаҳзаи содир намудани ҷиноятро аз ҷониби иҷрокунанда эътироф кардан лозим аст. Амалҳои ташкилкунанда, иғвогар, шарик маънои мустақил надошта, бевосита ба объект зарар нарасонида, онҳо дар амалҳои ичрокунанда таҷассум меёбанд».
- бори аввал таҳкими қонунгузории қоидаи татбиқи қонуни «муваққати»-и ҷиноятӣ дар моддаи 13-и КҶ ҶТ аз с. 1998 пешниҳод карда шуд. Дар ҳолатҳое, ки қонуни муваққати дар муқоиса бо қонуни вақти содир намудани кирдори ҷиноятӣ ва қонуни вақти баррасии парвандаҳо дар суд барои шахси айбдор мусоидтарин мебошад, ки ин аз муқаррароти конститутсионӣ ва ҷиноятии ҳуқуқӣ дар бораи ретроактивӣ будани қонуни сабуктар ва зарурати риояи воқеии афзалияти ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсият бармеояд, пас қонуни барои гунаҳкор мусоидтар татбиқ карда мешавад.

Аз ҷониби диссертант хулоса асоснок карда шудааст, ки дар ҳолатҳои дигаргуниҳо дар диспозитсия ва санксияи моддаи Кодекси ҷиноятӣ кирдорҳое, ки то ҷорӣ кардани Кодекси нав содир шудаанд, аз рӯи меъёри моддае, ки ҷазои сабуктаринро пешбинӣ мекунад, бо маҳдуд кардани доираи кирдорҳои ҷиноятӣ ва методи содир кардани кирдоре, ки бо қонуни кӯҳна пешбинӣ шудаанд, тасниф карда мешаванд. Ва аз ин сабаб диссертатант қабули Қарори Пленуми Суди Олиро, ки дар он таснифи меъёрҳои Қисми умумии КҶ ҶТ аз с. 1998-и амали фаврӣ анҷом дода мешавад, оқилона шуморида, ҳамзамон онҳоро ба категорияҳо тақсим мекунад:

*1) меъёрҳое, ки дертар аз вақти содир кардани кирдор эътибор пайдо кардаанд, мавриди татбиқ қарор дода мешаванд (ба ибораи дигар, меъёрҳое, ки нисбат ба онҳо қисми 1 моддаи 13-ро паҳн кардан лозим аст – дар бораи эътибори ретроактивии қонун, ки ба тариқи дигар вазъи ҳуқуқии гунаҳкорро, ки кирдори ҷиноятиро содир кардааст, беҳтар мекунад;*

*2) меъёрҳое, ки дар лаҳзаи содир кардани кирдор амал мекунанд, вале на он меъёрҳое, ки дар лаҳзаи ҳалли парванда аз ҷониби субъектҳои ваколатдор эътибор пайдо кардаанд, мавриди татбиқ қарор мегиранд (меъёрҳое, ки амали қисми 3 моддаи 13-ро паҳн мекунанд – оид ба ретроактивӣ будани қонун, ки ба тариқи дигар вазъи ҳуқуқии шахси айбдореро, ки кирдорро содир кардааст, бадтар мекунад;*

*3) меъёрҳое, ки зери амали меъёрҳои муваққатии коллизионӣ қарор намегиранд (яъне зарур аст санадҳои меъёрие татбиқ карда шаванд, ки дар лаҳзаи ҳал намудани парванда аз ҷониби мақомоти ваколатдор амал мекунанд).*

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии гузаронидашуда ба муаллиф имкон доданд нуқтаҳои асосии илмии зерин таҳия ва барои ҳимоя пешниҳод карда шаванд:

**I. Якчанд пешниҳодҳои дорои хусусияти назариявӣ:**

- Моҳиятан, дар чаҳорчӯби таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мақсад мувофиқ дониста шуд мафҳуми мустақиле, ки нисбат ба ҳудуди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ татбиқ карда мешавад, ифода карда шавад. Назарҳоро ба ин масъала, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷуданд, ҷамъбаст карда, хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳангоми муайян кардани амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ асосан се муносибатро истифода бурдан лозим аст, ки онҳо баррасӣ шудаанд, ва онҳо дар маҷмӯъ мазмуни амали муваққатии қонуни ҷиноятиро тавсиф мекунанд:

*а). Ҳамчун эҳтимолияти татбиқи санади ҷиноятии меъёрӣ;*

*б). Ҳамчун марҳилаи байни лаҳзаҳои «қувваи эътибор пайдо кардан» ва «гум кардани эътибор» -и қонуни ҷиноятӣ;*

*в). Ҳамчун раванди амали қонуни ҷиноятӣ.*

Ва бо назардошти гуфтаҳои боло, зери амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ «робитаи муайяни байни ҳаҷми қонунгузории ҷиноятӣ ва амали рафтори шахси муносибатҳои ҳуқуқиро фахмидан лозим аст. Қобилияти таъсиррасонии қонуни ҷиноятӣ ба рафтори ҳуқуқии шахсон ва дар давраи вақти муайянкардаи қонунгузор, яъне аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани қонун то гум шудани он танзим кардани фаъолияти иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқие, ки бинобар содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок ба вуҷуд омадаанд.

- Дар робита ба қобили қабул будан ё ғайриимкон будани татбиқи ретроактивӣ будани қонуни ҷиноятӣ инчунин зарур аст масъалаи имкони татбиқи (ё амал кардан) қонуни ҷиноятии ба истилоҳ «муваққатӣ», яъне қонуне, ки баъди содир намудани ҷиноят аз ҷониби субъект эътибор пайдо кардааст, вале то лаҳзаи тафтиш ё баррасии парванда дар суд эътибори худро гум кардааст, мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Қонуни «муваққатӣ»-и ҷиноятӣ метавонад дар муқоиса ба қонуне, ки дар вақти содир намудани ҷиноят амал карда, дар вақти тафтиш ё баррасии парванда дар суд эътибор пайдо кардааст, сабуктар бошад.

Қайд карда мешавад, ки дар назария ва амалияи судӣ масъалаи татбиқи қонуни муваққатии ҷиноятӣ, тавре ба назар расид, нобаробармаъно ҳал шуда истодааст. Бо назардошти ҳамаи ин нуктаҳо, қайд карда мешавад, ки татбиқи қонуни муваққатӣ танҳо бо он сабабҳо имконпазир аст, «агар қонуне, ки ҷазоро сабук мекунад ё вазъи шахсро ба тариқи дигар беҳтар мекунад, қувваи ретроактивӣ дошта бошад».

**II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд:**

- Аз мазмуни қисми 2 моддаи 12 КҶ ҶТ аз с. 1998 возеҳияти нисбӣ оид ба вақти содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ дар ҷиноятҳои дорои таркибҳои моддӣ, расмӣ (инчунин буридашуда) ба даст оварда шудааст, вале нисбат ба кирдорҳои давомнок ва идомаёбандаи ҷиноятӣ, мутаассифона, ҳеҷ гуна таърифҳои қонунгузорӣ вуҷуд надорад. Дар робита ба ин, ба мақсад мувофиқ аст тавсия карда шавад, ки моддаи 12-и КҶ ҶТ аз с. 1998 такмил дода шуда, пешниҳод карда мешавад, ки он бо қисмҳои 3 ва 4 бо мазмуни зерин пурра карда шавад:

-*«қисми 3, моддаи 12 ҳамчун вақти содир шудани ҷинояти давомнок вақти қатъ шудани он (анҷом, убур) бо ирода ё бар хилофи иродаи айбдор эътироф карда мешавад».*

Ба ин гуна ҷиноятҳо бояд он қонуне, ки дар вақти қатъи онҳо бо ирода ё бар хилофи иродаи шахси айбдор амал мекард, татбиқ карда шавад.

-*«қисми 4 моддаи 12 ҳамчун вақти содир шудани ҷинояти идомаёбанда лаҳзаи содир намудани кирдори охирини ҷиноятӣ аз ҷумлаи онҳое, ки ҷинояти идомаёбандаро ташкил медиҳанд, эътироф карда шавад».*

Ва, мутаносибан, нисбати ҷиноятҳои идомаёбанда бояд он қонуне татбиқ карда шавад, ки дар лаҳзаи содир намудани кирдори охирин аз ҷумлаи онҳое, ки ҷинояти ягонаро ташкил медиҳанд, бошад.

- Бо назардошти баҳснокии масъалаи он, ки чӣ ҳамчун вақти содир намудани ҷиноят бо шарикӣ ҳисобида шавад ва мавҷуд набудани меъёри махсус дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муайян кунад, ки кадом вақти кирдор барои шарикон ҳисобида мешавад, пешниҳод карда мешавад, ки масъалаи мазкур бо роҳи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳал карда шавад, яъне ба тезис ба моддаи 12 КҶ ҶТ аз с. 1998, 5 қисм дар таҳрири зайл дохил карда шаванд:

-*«ҳамчун вақти содир намудани кирдори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок барои шарикон лаҳзаи содир шудани ҷиноят аз ҷониби иҷрокунанда эътироф карда шавад. Амалҳои ташкилкунанда, иғвогар, шарик аҳамияти*

*мустақилона надоранд ва бевосита ба объект зарар намерасонад, онҳо дар амали иҷрокунанда таҷассум меёбанд».*

Азбаски дар моддаи 35 КҶ ҶТ аз с. 1998 дар бораи шарикӣ ҳамчун иштироки якҷояи барқасд дар содир намудани ҷиноят нисбат ба ташкилотчӣ, шарик ва иғвогар зикр шудааст, лаҳзаи содир намудани кирдори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок бо амали иҷрокунанда, на бо амалҳои шарикони номбурда барои ба вуҷуд овардани шароит барои содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ муайян карда мешавад.

- Дар КҶ ҶТ аз с. 1998 муқаррарот оид ба ретроактивӣ будани қонун дар қисми якуми моддаи 13 инъикос ёфтаанд, ки чунин аст: «қонуни ҷиноятие, ки ҷиноят будани кирдорро аз байн мебарад, ҷазоро сабук мекунад ё ба тариқи дигар вазъи шахсеро, ки ҷиноят содир намудааст, беҳтар мекунад, эътибори бозгашт дорад». Нововарии меъёри мазкури Кодекси ҷиноятӣ ишорае мебошад, ки ба қисми 2 моддаи 13 КҶ ҶТ дохил карда шудааст, ки мувофиқи он дар ҳолате, ки агар қонуни нави ҷиноятӣ ҷазодиҳандагии кирдореро, ки шахс барои он ҷазоро адо мекунад, сабук кунад, ҷазои таъйиншуда бояд мутобиқи ҳадди болоии таҳрими қонуни ҷадидан нашршудаи ҷиноятӣ кам карда шавад.

Барои дурусттар ҳал намудани масъалаи татбиқи меъёри муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи 13 КҶ ҶТ, ки дар он тартиби кам кардани ҷазое, ки аз ҷониби шахс адо шуда истодааст, муайян карда шудааст, дар ҳолате, ки агар қонуни нав ҷазоро сабук кунад, пешниҳод карда мешавад қисми 2 моддаи 13 дар таҳрири зерин такмил дода шавад:

-*«агар ҷазое, ки ба шахс таъйин кардашудааст аз доираи муқарраркардаи қонуни нав берун ояд, пас ҷазо мутаносибан ба паст шудани ҳадди болоии намуди додашудаи ҷазо ва ё намуди ҷиддитари ҷазо аз ҷумлаи намудҳои асосии ҷазо кам карда мешавад. Агар ҳам намуди ҷиддитари ҷазо, ҳам он намуди ҷазое, ки ба шахси барои адо таъйин шуда буд, паст шуда бошад, пас ҷазо мутаносибан ба кам шудани андозаи он ҷазое, ки ба дараҷаи бештар кам шудааст, кам карда мешавад. Дар ҳолате, ки агар дар қонуни нави ҷиноятӣ ҳадди поёнии ҷазое, ки аз ҷониби шахс адо шуда истодааст, ё ҷазои ҷиддитарро аз ҷумлаи намудҳои асосии ҷазо кам карда бошад, пас ҷазо мутаносибан ба кам шудани ҳадди поёнии ҷазое, ки аз ҷониби шахс адо шуда истодааст, ё ҷазои ҷиддитар аз ҷумлаи намудҳои асосии ҷазо кам карда мешавад. Агар қонуни нави ҷиноятӣ ҳам ҳадди болоӣ, ҳам поёнии ҷазое, ки аз ҷониби шахс адо шуда истодааст, ё ҷазои ҷиддитарро аз ҷумлаи намудҳои асосии ҷазо кам кунад, пас ҷазо мутаносибан ба кам кардани ҳадди болоӣ ва поёнии ҷазо кам карда мешавад».*

## III. Якчанд пешниҳодҳои дорои хусусияти амалӣ.

- Мувофиқи нишондоди дурусти муаллиф, бо мақсади роҳ надодан ба душвориҳо ва хатогиҳо дар фаъолияти татбиқи қонун дар мавриди

татбиқи «қонунҳои мобайнии ҷиноятӣ» таҳия намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ аст, ки метавонист амалияи судиро оид ба масъалаҳои амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ ҷамъбаст намуда, тавсияҳоро оид ба ҳалли дурусти чунин масъалаҳо дар бар гирад.

- Ба мақсад мувофиқ дониста мешавад аз ҷониби Пленуми Суди Олӣ қарорҳое қабул карда шаванд, ки дар онҳо метавонистанд меъёрҳои Қисми асосии КҶ ҶТ аз с. 1998-и амали фаврӣ гурӯҳбандӣ карда шаванд: а) меъёрҳое, ки дертар аз вақти содир намудани кирдор эътибор пайдо кардаанд, бояд татбиқ карда шаванд (ба ибораи дигар, меъёрҳое, ки ба онҳо бояд қисми 1 моддаи 13 КҶ ҶТ паҳн карда шавад – дар бораи ретроактивӣ будани қонун, ба тариқи дигар беҳтар кардани вазъи шахси айбдор); б) меъёрҳое, ки дар лаҳзаи содир кардани кирдор амал мекунанд, вале на он меъёрҳое, ки дар лаҳзаи ҳалли парванда аз ҷониби субъектҳои ваколатдор эътибор пайдо кардаанд, бояд татбиқ карда шаванд (меъёрҳое, ки амали қисми 3 моддаи 13 КҶ ҶТ-ро паҳн мекунанд – оид ба ретроактивӣ будани қонун, ки ба тариқи дигар вазъи шахси айбдорро бадтар мекунад); ва в) меъёрҳое, ки зери амали меъёрҳои муваққатии зиддиятнок қарор намегиранд, яъне меъёрҳоеро татбиқ кардан лозим аст, ки дар лаҳзаи ҳал намудани парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор амал мекунанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои бадастомада низоми мавҷудаи донишҳоро дар бораи ниҳоди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ ҷамъбаст ва васеъ мекунанд. Ҳамин тариқ, дар асоси натиҷаҳои маълумоти бадастомада хулосаро оид ба он инкишоф додан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди илми ҷиноятии ҳуқуқии ватанӣ, аз ҷумла, бо пур кардани он бо масъалаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ саҳми муҳим гузорад. Аҳамияти амалии таҳқиқоти мазкур аз имконпазирии истифодаи натиҷаҳои он дар раванди такмили қонунгузории миллии ҷиноятӣ оид ба ниҳоди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ иборат аст.

Маводҳои кори диссертатсияро дар таълими фанҳои: «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Криминология», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ва «Принсипҳои умумии таъйини ҷазо» истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Асоснокӣ ва эътимоднокии кори илмӣ тавассути истифодаи васеи методҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ; гузаронидани таҳқиқоти илмии адабиёти умумӣ ва махсус, корҳои диссертатсионии як қатор олимон дар мавзӯи интихобшуда, ки дар онҳо муносибатҳои муосири илмӣ ва афкори ғоявӣ оид ба амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ таҷассум ёфтаанд, ба даст оварда шудаанд.

Инчунин, асоснокӣ ва эътимоднокии тезисҳои кори диссертатсионӣ бо таҳқиқ ва таҳлили воситаҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ оид ба ниҳоди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ, Кодекси амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятӣ – мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ, инчунин давлатҳои аъзои ИДМ, тавзеҳоти роҳбарикунандаи Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра муайян шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси: 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; қонуни ҷиноии иҷроия, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахси муаллиф аз он иборат аст, ки ғояҳои муҳимтарини дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда, хулосаҳо ва ҷамъбастҳо, тавсияҳои амалӣ метавонанд барои рушд ва такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ниҳоди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ аҳамияти калон дошта бошанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ дар шӯъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба иҷро расида, дар ҷаласаҳои шӯъба мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муқаррарот ва хулосаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва дигар нашрияҳо, маҷмӯаҳо ба чоп расидаанд.

Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар шакли маъруза аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар конференсияҳои зерин пешниҳод карда шудаанд:

**I. Байналмилалӣ:**

1. Конфронси байналмилалии илмӣ-назариявии “Масъалаҳои мубрами ислоҳоти қонунгузории мурофиавӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ” – маърӯза дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди ниҳоди амали қонуни ҷиноятӣ бо мурури замон” (Душанбе, Тоҷикистон. 25 ноябри соли 2016);
2. Конфронси байналмиллалии илми “Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технология” бахшида ба 25 солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – маърӯза дар мавзӯи “Инкишофи таълимот дар бораи амали қонуни ҷиноятӣ бо мурури замон” (Душанбе, Тоҷикистон. 19-20 майи соли 2016);
3. Конфронси байналмиллалии илмий “Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технология” – маърӯза дар мавзӯи “Шарикӣ ва

вақти содир намудани ҷиноят” (Душанбе, Тоҷикистон. 11-12 майи соли 2017);

4. Конфронси V байналмиллалии илмӣ – амалии “Низоми миллии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои ИДМ: таҳлили тамоюл ва дурнамоҳои рушд” дар мавзӯи “Эътибори баръакси ҳуқуқи ҷиноӣ ҳамчун қоидаи амали қонун бо мурури замон” (Душанбе, Тоҷикистон. 17 сентябри соли 2017);
5. Конфронси байналмилалии «Мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ дар Авруосиё: таҳдидҳои умумӣ ва таҷрибаи умумӣ» – маърӯза дар мавзӯи “Дар бораи баъзе ҷанбаҳои қонунгузории муосири ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе, Тоҷикистон. 29 сентябри 2017);
6. МактабиV-уми байналмилалии илмии ҷавонон «Менеҷменти инноватсионӣ» – маърӯза дар мавзӯи “Қонуни нав – кафолатҳои кӯҳна” (Сахкадзор, Арманистон. 24-27 майи 2018);
7. Анҷумани байналмилалии олимони ҷавон “Форуми Бурабай: Ҳамкории фаромарзӣ” – маъоӯза дар мавзӯи “Таҳлили тағйироти охири дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ноҳияи Бурабой, вилояти Акмолаи Қазоқистон. 7-12 августи 2018);
8. Семинари III байналмилалӣ дар чаҳорчӯби Лоиҳаи “Назорати содиротии АХБРЯ, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад, оид ба мавод ва технологияҳои дорои таъйиноти дукарата дар Осиёи Марказӣ” – маърӯза дар мавзӯи “Зиддиятнокиҳои темпоралии ҳуқуқӣ (бархӯрди ду меъёр)” (Ереван, Арманистон. 5– 6 ноябри 2018);
9. Конфронси VI байналмилалии илмӣ – амалии “Рушди илми ҳуқуқшиносӣ дар шароити муосир: назария ва амалия” – маърӯза дар мавзӯи “Дар бораи масъалаи муайян кардани вақти содир намудани кирдори ҷиноятӣ бо шарикӣ дар ҷиноят” (Душанбе, Донишгоҳи Славянии Россияю Тоҷикистон. Душанбе, 31 октябри 2018);
10. Форуми байналмилалии олимони ҷавон “Амсилаи Назарбоев” – вокуниши стратегӣ ба чолишҳои асри XXI – маърӯза дар мавзӯи “Дар бораи баъзе хусусиятҳои ретроактивӣ будани қонуни ҷиноятӣ” (Нурсултон, Қазоқистон. 12-15 октябр, ш. 2020);
11. Конфронси III байналмилалии илмӣ-амалии “Нақши занон – олимон дар рушди илм, инноватсияҳо ва технологияҳо” – маърӯза дар мавзӯи “Баргаштпазирии қонуни мулоимтари “муваққатӣ”-и ҷиноятӣ” (Гулистон, Тоҷикистон. 24-26 августи соли 2022).

**II. Ҷумҳуриявӣ**

**1.** Republican scientific and theoretical conference “The Constitution of the republic of Tajikistan and the development of legal industries during the period of independence” on the topic “Criminal & Legal analysis of crimes against

constitutional rights and freedoms of human and citizen" (Dushanbe, Tajikistan. October 29, 2020).

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Доир ба мавзӯи диссертатсия 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва 10 мақола дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз рӯйхати ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт параграф, хулоса, рӯйхати адабиёт (сарчашмаҳо) ва замима иборат аст, ки ба мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 213 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

**Дар муқаддимаи** кори диссертатсионӣ муаллиф аҳамияти онро асоснок карда, предмет, мақсад ва вазифаҳои диссертатсияро муайян карда, робитаи кори илмиро бо барномаҳои таҳқиқоти илмӣ далелнок карда, навгонии илмӣ, аҳамияти амалӣ ва назариявии натиҷаҳои таҳқиқотро, баён карда, муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшударо муайян карда, саҳми шахсии худро нишон дода, мутобиқати кори илмиро ба шиносномаи ихтисоси илмӣ асоснок карда, маълумотро дар бораи тасвиб ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои кори илмӣ овардааст.

Боби якуми диссертатсия **«Мафҳуми ниҳоди амали муваққатии қонунгузории ҷиноятӣ ва аҳамияти ниҳоди мазкур дар низоми меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ»** номгузорӣ шуда, аз се параграф иборат аст, ки дар онҳо масъалаҳои таърифи мафҳуми ниҳоди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ, масъалаи муайян кардани вақти содир намудани кирдори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок ҳамчун шарти умумии ҷавобгарӣ тибқи Кодекси ҷиноятӣ, масъалаи ифодаи қонунгузории кирдорҳои ҷиноятии давомнок ва идомаёбанда дар қонунгузории ҷиноятӣ, вақти содир намудани кирдори ҷиноятие, ки бо шарикӣ анҷом дода мешавад, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар **параграфи якум "Мафҳуми ниҳоди амали муваққатии қонунгузории ҷиноятӣ"** муаллиф ақидаҳои назариявии олимони ватанӣ ва хориҷиро таҳлил намуда, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҷанбаҳои алоҳидаи амалии ниҳоди амали муваққатии қонун шинос шуда, пешниҳод менамояд, ки зери амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ робитаи зарурии байни ҳаҷми ҳуҷҷати меъёрӣ ва кирдори (амали рафтори) субъекти муносибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ фаҳмида шавад.

Дар чаҳорчӯби **параграфи дуюми боби якум** масъалаҳои **«Вақти ҷиноят ҳамчун шарти умумии ҷавобгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Масъалаи ифодаи қонунгузории**

**кирдорҳои давомнок ва идомаёбанда дар қонунгузории ҷиноятӣ»** мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда дар параграфи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аз мазмуни қисми 2 моддаи 12 КҶ ҶТ возеҳияти нисбӣ оид ба вақти содир намудани кирдорҳо ва ҷиноятҳои дорои таркиби моддӣ, расмӣ ба даст оварда шудааст, вале мутаассифона, дар қонунгузорӣ нисбат ба ҷиноятҳои давомнок ва идомаёбанда ягон хел зикри қонунгузорӣ вуҷуд надорад. Ва аз ин рӯ, ба ақидаи муаллиф, яке аз камбудиҳои асосии меъёри мазкур бевосита мавҷуд набудани таҳкими меъёрии кирдорҳои давомнок ва идомаёбандаи ҷиноятӣ мебошад, зеро дар онҳо ҳолатҳои ниҳоят муҳим вуҷуд доранд. Дар натиҷаи таҳлил параграфи мазкур аз ҷониби муаллиф оид ба зарурати танзими қонунгузории масъалаи вақти татбиқи ҷиноятҳои давомнок ва идомаёбанда хулосаи сифатӣ бароварда шудааст.

**Параграфи сеюми боби якум** ба масъалаи **«Вақти содир намудани кирдори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок, ки дар шарикӣ амалӣ мешавад»** бахшида шудааст. Муаллиф параграфи мазкурро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки ҳангоми таҳқиқи масъалаи он, ки чӣ ҳамчун вақти содир намудани кирдори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок барои шарикон ҳисобида шавад, аз рӯи шарҳ шарикӣ ҳамчун робитаи зичи ҷиноии байни субъектҳои кирдори ҷиноятӣ асос ёфтан зарур аст. Аъзои гурӯҳи ҷиноятӣ бояд на танҳо барои кирдор ва рафторҳои ҷиноятӣ, балки барои оқибатҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфноки гурӯҳӣ низ муҷозот шаванд. Илова бар ин, ҳар як шарик бартарии худро на танҳо аз болои амалҳои худ, балки аз болои ташаккули фаъолияти ҷиноятие, ки аз ҷониби иҷрокунанда татбиқ карда мешавад, нигоҳ дорад. Ин чунин далелро тавзеҳ медиҳад, ки ҳар як субъекти ҷомеаи ҷиноятӣ то вақти татбиқи пурраи фаъолияти ҷиноятӣ қодир аст ҷараёни вазъиятро назорат карда, ба он таъсир расонида, онро тағйир дода, дар бораи кирдори ҷиноятие, ки омода ё амалӣ карда мешавад, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар дода, дар баробари ин, шарик будани худро қатъ кунад. Субъект, бе кӯшиши анҷом додани ҳамаи ин то охир, ба пуррагӣ бо натиҷаҳои он ҳамчун шарики гурӯҳи ҷиноятӣ боқӣ мемонад. Агар фаъолияти ҷинояткор дар лаҳзаи қабули қонуни нав идома дошта бошад, ки боиси зиёд шудани ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад, он гоҳ шарикон низ уҳдадор мешаванд ҷавобгариро бо ҷинояткор баробар тақсим кунанд.

**Боби дуюм «Ретроактивӣ будани қонуни ҷиноятӣ: моҳият, мазмун, ҳудудҳо ва усулҳои додани он»** аз се параграф иборат аст. Дар боби мазкур аз ҷониби муаллиф мафҳум ва мазмуни эътибори баръакси қонуни ҷиноятӣ, масъалаҳои татбиқи қонунҳои «муваққат»-и ҷиноятӣ, амали ретроактивии қонуни ҷиноятӣ ва унсурҳои таркиби ҷиноятро мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар **параграфи якуми боби дуюм «Мафҳум ва мазмуни ретроактивӣ будани қонуни ҷиноӣ» таҳқиқ шуда, дар он муаллиф** қайд мекунад, ки қоидаҳо дар бораи ретроактивӣ будани қонунҳои ҷиноятӣ ҳамчун қоидаи қонунӣ ва ахлоқӣ аз ҷониби тамоми низомҳои ҳуқуқии давлатҳои пешрафта қабул карда шуда, дар моддаи 15 Паймони байналмилалӣ – Дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, дар қисми 2 моддаи 11 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, дар моддаи 7 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, дар қисми 1 моддаи 7 Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон асоснок карда шудаанд.

Баъдан муаллиф дуруст қайд мекунад, ки меъёри дар Санадҳои байналмилали муқарраршуда инчунин дар қисми 3 моддаи 20 Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба мушоҳида мерасад, ки мувофиқи маънои он қонуни пас аз содир намудани кирдори ҷиноятӣ аз ҷониби фард ба таври умум муқаррар шуда, ки ҷазоро барои он вазнин мекунад, дорои эътибори ретроактивӣ намебошад. Агар баъди ба амал баровардани кирдор ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он барҳам дода ё суст карда шавад, қонуни нав татбиқ карда мешавад. Принсипи конститутсионии ретроактивӣ будани қонуни ҷиноятӣ дар қисми 1 моддаи 13 КҶ ҶТ сабт карда шуд, ки аз рӯи маънои он қонуни ҷиноятӣ: а) ҷиноятқорӣ будани кирдорро бартараф мекунад; б) ҷазоро сабук мекунад; в) ё ба тариқи дигар вазъи шахси содирнамудаи ҷиноятро сабук мекунад, дорои эътибори баръакс дорад, яъне ба шахсоне, ки то эътибор пайдо кардани чунин қонун кирдори дахлдорро содир намудаанд, аз ҷумла ба шахсоне, ки ҷазоро адо мекунанд ё адо кардаанд, вале доғи судӣ доранд, паҳн мешавад.

Зери мафҳуми қонуне, ки кирдори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнокро аз байн мебарад, қонунеро дар назар доранд, ки аз Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиби кирдори муайяни ҷиноятиро пурра берун баровarда, дар айни замон доираи кирдорҳои аз ҷиҳати ҷиноятӣ муҷозотшавандаро бо ворид намудани ҳолатҳои факултативӣ дар сатҳи на танҳо меъёрҳои Қисми махсус, балки инчунин Қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон танг мекунад. Ҳамин тавр, пас аз ҷорӣ шудани Кодекси нави ҷиноятӣ миқдори зиёди ҷиноятҳо, ки дар таҳрири ибтидоии Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шуда буд, мавриди истисно (ғайриҷурмшиносӣ) қарор гирифтанд, дар асл: моддаи 55 (Ҳабс), моддаи 135 (Тӯҳмат), моддаи 136 (Таҳқир), моддаи 288 (Вайрон кардани қоидаҳои амнияти иқтисодии хориҷӣ), моддаи 357 (Таҷовуз ба ҳаёти шахсе, ки адолати судӣ ё тафтишоти пешакро амалӣ мекунад), моддаи 367 (Беитоатӣ), моддаи 394 (Фош кардани сирри ҳарбӣ ё гум кардани ҳуҷҷатҳои дорои сирри ҳарбӣ) ва ғайра. Дар маҷмӯъ, ба ақидаи хоксорона, ҳам дар назария, ҳам дар амалия бо дарки чунин қонунҳо шубҳаҳо баста намеша-

ванд. Аммо, тибқи эроди одилона, дар мавриди додани баргаштпазирӣ ба қонун бо қисман ғайриҷурмшиносӣ кардани кирдори ҷиноятӣ номувофиқи ба вуҷуд омада метавонанд, зеро дар ин ҷо таваҷҷуҳи мутамарказ ҳангоми ҳалли масъалаи мазкур талаб карда мешавад. Ҳамчун намунаи ибрат дар ин бобат тағйироте, ки ба Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1998 дар моддаи 187 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон ворид карда шуда буданд, – ришваситонӣ намунаи ибрат шуда метавонад. Агар дар модда меъёри махсусе мавҷуд мебуд, ки барои хизматрасонии миёнаравӣ дар ришваситонӣ ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекард, ва он ки парвандаҳои ҷиноятие, ки пештар мувофиқи моддаи $187^{1}$ Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон оғоз мешуданд, бояд бартараф карда шуда, маҳкумшудагон озод карда мешуданд, зеро дар қисми 1 моддаи 319 дар бораи он зикр гардидааст, ки гирифтани ришва аз ҷониби шахси мансабдор (ё аз ҷониби субъекти хориҷӣ) шахсан ё ба воситаи миёнарав дар шакли молия, коғазҳои қиматнок ва дигар амвол барои кирдори ба манфиати ришвадиҳанда ё шахсони тавсиякардаи ӯ, агар ин кирдорҳо ба салоҳиятҳои хизматии шахси мансабдор дохил бошанд, ё онҳо аз рӯи вазъи мансабии ӯ ба ин амалҳо, инчунин барои сарпарастӣ ва бепарвоӣ дар хизмат мусоидат хоҳанд кард. Илова бар ин, дар моддаи 320 тезис дар бораи додани ришва ба шахси мансабдор, мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори созмони байналмилалӣ шахсан ё тавассути миёнарав оварда шудааст. Муаллиф, бо такя ба таври истисноӣ ба ҳуҷҷати меъёрӣ, дуруст қайд мекунад, ки ҷиноятҳое, ки қаблан ҳамчун миёнаравӣ дар ришваситонӣ нисбат ба Кодекси нави ҷиноятӣ тасниф мешуданд, бояд тибқи моддаҳои 35, 319 ё моддаҳои 35, 320 Кодекси ҷиноятӣ тасниф карда шаванд, зеро ҷазоҳои ҷиноятии моддаҳои номбаршуда сабуктар мебошанд, ки инро дар бораи моддаҳои 186, 187, 1871 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон гуфтан номумкин хоҳад буд. Илова бар ин, ба ақидаи муаллиф, мисоли мазкур ба он ишора мекунад, ки ҳуқуқи аломати таснифӣ ғайриҷурмшиносикунонии кирдорро умуман дар назар надорад, балки танҳо аз арзёбии нави дараҷаи хатари ҷамъиятии он ва зарурати дар робита ба ин аз нав тасниф кардани содирнамуда бо назардошти дастурҳои Кодекси нав шаҳодат медиҳад.

Илова бар ин, қонуни ҷиноятӣ дорои баргаштпазирӣ дар ҳолате мебошад, ки агар он ба тариқи дигар вазъи ҳуқуқии шахси содирнамудаи кирдорро беҳтар гардонад, яъне хангоме ки он: а) шумораи ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгариро зиёд кунад ё доираи ҳолатҳои вазнинкунандаи онро танг кунад; б) навъи нави озодкуниро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҷазо дар бар гирад; в) соҳаи истифодаи ҳукми шартӣ ё боздоштани иҷрои ҳукмро васеъ кунад ё уҳдадориҳоеро сабук кунад, ки ба субъектҳое вогузор карда шаванд, ки нисбат ба онҳо қобили татбиқ бошанд; г) унсури ҷазоеро, ки

дар ин ё он намуди ҷазо мавҷуд аст, сабук кунад, инчунин номгӯи шахсонеро, ки ба онҳо намуди муайяни ҷазоро татбиқ кардан мумкин нест, васеъ кунад ё асосҳои татбиқи онро маҳдуд кунад; д) қоидаҳои таъйини ҷазоро аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо ё маҷмӯи ҳукмҳо ба ҷазоҳои сабуктар тағйир диҳад; е) мӯҳлати ба охир расидани доғи судиро кӯтоҳ мекунад ё тартиби бартараф кардани онро осон кунад; ё) шароити мусоидтарро барои татбиқи авф, бахшиш, инчунин барои барҳам додан ва бекор кардани доғи судӣ муқаррар кунад; ж) номгӯи чораҳои маҷбурии таъсиррасонии тарбиявиро танг мекунад ё тартиби иҷрои онҳоро осон кунад; з) кирдорро ба категорияи вазнин нисбатан марбут диҳад; и) қоидаҳои муайян кардани такрори (рецидиви) ҷиноятҳо ва таъйини ҷазоро ҳангоми мавҷуд будани он сабук кунад.

**Параграфи дуюми боби дуюм** ба масъалаи **«Баргаштпазирии қонунҳои «муваққати»-и ҷиноятӣ: масъалаҳои татбиқи онҳо»** бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлили параграфи мазкур муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки масъалаи ретроактивӣ будани қонуни «муваққати»-и ҷиноятӣ мавриди мубоҳиса қарор дорад ва на танҳо дар Кодекси ҷиноятӣ ягон меъёри дахлдори меъёрӣ мавҷуд нест, балки ҳамчунин қарорҳои тавзеҳотии Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳузур надоранд. Аз ин лиҳоз, ба ақидаи муаллиф, барои роҳ надодан ба душвориҳо ва хатогиҳо дар фаъолияти татбиқи ҳуқуқ зарур аст қоидаҳои татбиқи чунин қонун бевосита дар меъёри Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ муайян карда шавад ва таҳияи чунин қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим хоҳад буд, ки метавонистанд амалияи судиро оид ба масъалаҳои амали қонуни ҷиноятӣ ва тавсияҳои дар он мавҷударо оид ба ҳалли дурусти чунин масъалаҳо дар бар гиранд.

**Дар параграфи сеюми боби дуюм** масъалаи **«Эътибори ретроактивии қонуни ҷиноятӣ ва унсурҳои таркиби ҷиноят»** баррасӣ шудааст. Параграфи мазкурро таҳлил карда, диссертант таъкид мекунад, ки ҳалли масъалаҳои марбут ба масъалаи додани баргаштпазирӣ ба қонун на танҳо дар таърифи сабук кардани он ё амиқтар кардани мавриди ҷазо будани кирдори қонуни нав, балки дар тағйир додани ҳар як аз нишонаҳое, ки ба таркиби кирдори дахлдор дохил мешаванд, мавҷуд аст.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар назди гурӯҳи мақоми меъёрэъҷокунии ҷумҳурӣ, ки дар тарҳрезии Кодекси нави ҷиноятӣ бисёр кор кардааст, вазифаи мушаххас гузошта шуда буд – то ҳадди имкон аз Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистони соли 1961 каноргирӣ намояд. Дар робита ба ин, дар Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таври умум 21 майи соли 1998 муқаррар карда шуда буд, бобҳо ва таркибҳои мутлақо нави ҷиноятӣ (аз ин пеш дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон дарҷ нагардида буд), ки ҷавобгариро барои таҷовуз ба объектҳо пешбинӣ менамояд: *боби 27 -Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ; боби 28 -Ҷиноятҳо бар зид-*

*ди амнияти иттилоотӣ; боби 34 -Ҷиноятҳо ба мукобили сулҳу амнияти инсоният;* Илова бар ин, якчанд таркибҳои ҷиноятҳое, ки аз бобҳои гуногуни Кодекси ҷиноятии қаблан амалкунанда гирифта шудаанд, ки бо ҷиноятҳои комилан «нав» ислоҳ ва пурра карда шуда, дар айни замон ба бобҳои мустақил тақсим шудаанд: *боби 24 -Ҷиноятҳо бар зидди амнияти экологӣ ва муҳити табиӣ; боби 23 -Ҷиноятҳо бар зидди бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт; боби 22 -Ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ;боби 20 -Ҷиноятҳо бар зидди оила ва ноболиғон;*

Ғайр аз ин, аз ҷониби қонунгузор боби – "Дигар ҷиноятҳои давлатӣ" аз Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон хориҷ карда шуда, объектҳои кирдорҳои ҷиноятӣ мушаххас карда шуда, таркибҳои дар ҳамин боб пешбинишуда ба бобҳои дигар тақсим карда шуда, бинобар ин, дар натиҷа сазовори ҷазо будани ин ҷиноятҳо кам карда шуд.

Муаллиф аз ҳамаи мисолҳои дар боло овардашуда итминон ҳосил мекунад, ки ҳар як қоидаи наве, ки ҷазоро барои кирдорҳои дахлдор бекор карда, ё баръакс, ҷиноят будани кирдорро муқаррар карда, мавриди ҷазо будани кирдори муайянро зиёд мекунад, бояд мавриди таҳлили амиқ дар маҷмӯъ, ва на танҳо дар муқоиса бо меъёрҳои пештара қарор дода шавад.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Ҳудуди амали муваққатии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меъёрҳои Қисмҳои умумӣ ва махсус. Мафҳуми меъёре, ки бо роҳи дигар вазъи ҳуқуқии субъекте, ки ҷиноятро содир мекунад, ки аз амал (ё беамалӣ) ба вуҷуд меояд, ба тариқи дигар беҳтар менамояд, ҳамчун меъёри амали фаврие, ки бо назардошти муқаррароти қисми 1 моддаи 13 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад»** аз ду параграф иборат аст.

**Дар параграфи якум «Мафҳуми меъёре, ки вазъи ҳуқуқии субъекте, ки амали (ё беамалии) ҷиноятиро амалӣ мекунад, ба тариқи дигар беҳтар менамояд, ҳамчун меъёри амали фаврие, ки бо назардошти муқаррароти қисми 1 моддаи 13 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад»** масъалаҳо оид ба меъёрҳое, ки ба тариқи дигар вазъи ҳуқуқии шахсе, ки кирдори ҷиноятиро содир намудааст, ба тариқи дигар беҳтар мекунанд, ҳамчун меъёри амали фаврӣ, ки бо назардошти муқаррароти қисми 1 моддаи 13 КҶ ва ҳудуди амали муввақатии меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ аз с. 1998 мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Ба ақидаи диссертант, дар моддаи 12 КҶ ҶТ принсипи амали муввақатии қонуни ҷиноятӣ танҳо барои ҳамон қонунҳое муқаррар карда шудааст, ки ҷиноят будани кирдор ва мавриди ҷазо қарор гирифтани онро танзим мекунанд ва бо ин қонунҳо ҳудуди амали қисми 1 моддаи 12 КҶ ҶТ маҳдуд мешаванд. Ва аз ин рӯ, ба ақидаи муаллиф, қонунҳои дигар аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани онҳо, зимни мавҷудияти асосҳо барои истифода, сарфи назар аз лаҳзаи содир шудани кирдори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок татбиқ

мешаванд, бинобар ин, зарурати фаврӣ дар қабули қонунҳои ҷиноятӣ ба миён омад, ки тартиби адо кардни ҷазои ҷиноятии қаблан аз ҷониби суд таъйиншуда ё озод кардан аз он, инчунин усулҳои қатъ намудани доғи судӣ – озод кардан ва бозхондан ва ғайраро муайян мекунанд.

**Дар параграфи дуюми боби сеюм** масъалаи **«Ҳудуди амали муввақатии меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Параграфи мазкурро таҳлил намуда, муаллиф қайд мекунад, ки бар хилофи Қисми умумӣ – Қисми махсуси КҶ ҶТ аз с. 1998 комилан зери таъсири меъёрҳои муввақатии зиддиятнок қарор дорад ва, чун қоида, мутлақо ҳамаи меъёрҳои Қисми махсус ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: а) меъёрҳое, ки дорои эътибори ретроактивӣ доранд (инҳо, чун қоида, меъёрҳое мебошанд, ки ҷиноят будани кирдорро бартараф менамоянд, ҷазоро сабук мекунанд) ва б) меъёрҳое, ки дорои эътибори ретроактивӣ намебошанд (инҳо ҳамон меъёрҳое мебошанд, ки ҷиноятковириро муқаррар карда, ҷазоро вазнин мекунанд).

Қайд карда мешавад, ки ба бартарафкунандагон инҳо дохил мешаванд: а) қонуне, ки таркиби пурраи кирдори ҷиноятиро дар сурати мавҷуд набудани меъёри умумӣ дар ҳуҷҷати нави меъёрие, дар он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои намуди муайяни кирдорҳои ғайримушаххас пешбинӣ шудааст, истисно кардааст; б) қонуне, ки доираи предметҳои кирдорро танг мекунад ё нишонаҳои ҳатмии ҷабрдидаро аз кирдори ҷиноятӣ муайян мекунад; в) қонуне, ки шумораи нишонаҳои ҳатмии кирдорро чанд маротиба зиёд мекунад; г) қонуне, ки аз модда ба таври алтернативӣ ташаккулдиҳандагони тарафи объективии кирдори ҷиноятиро истисно кардааст; д) қонуне, ки ба тарафи баланд бардоштани хусусияти қонунэъҷодкунӣ андозаи зарар, зиён, даромад иваз мешавад; е) қонунҳое, ки таркиби кирдорро иваз кардаанд, яъне вақте ки таркиби ҷиноят хусусияти таркиби моддиро аз таркиби расмӣ пайдо мекунад; ё) қонуне, ки ба тарафи объективии таркиб (асосӣ) хусусиятҳои иловагӣ, яъне усули амалисозӣ, вақти татбиқ, ҷой, асбоб ё воситаро ҷорӣ мекунад; ж) қонуне, ки нишонаҳои иловагии субъекти кирдори ҷиноятиро ҷорӣ кардааст, ва қонуне, ки дар Қисми умумӣ ҳар гуна навгониҳоеро ворид кардааст, ки ниҳоди ҷиноятро дар қонуни ҷиноятие танзим мекунанд, ки доираи кирдорҳои аз ҷиҳати ҷиноятӣ ҷазо додашавандаро маҳдуд мекунад.

Ба қонунҳое, ки дорои эътибори ретроактивӣ намебошанд, инҳо мансубанд: а) қонунҳое, ки кирдорҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнокро муқаррар мекунанд; б) ҷазоро вазнин мекунанд; в) ё ба тариқи дигар вазъи ҳуқуқии маҳкумшудае, ки ҷиноят содир намудааст бадтар мекунанд (қисми 3, моддаи 13 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Қайд карда мешавад, ки агар қонуни нав дар ҳолати пурра ба итмом расидани парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба қонуни қаблӣ вазнинтар гардад, пас татбиқи қонуни ҷиноятии қаблан амалкунанда иҷозат дода мешавад. Чунин амали қонун ултрафаъолнокӣ номида мешавад.

Қайд карда мешавад, ки ҳамчун мавқеи ибтидоии танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ қисми 3 моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки дар он қоидаи асосӣ муқаррар карда шудааст: қонуне, ки пас аз содир намудани кирдори ғайриқонунӣ аз ҷониби шахс содир гардида, ҷазоро барои он вазнин мекунад, дорои эътибори баръакс намебошад. Зиёда аз ин, манъи мазкури қонунгузориро дар мавриди татбиқи эътибори баръакси қонуни нави ҷиноятӣ, ки вазъи шахси содирнамудаи кирдорро то эътибори қонуни пайдо кардани охирин бадтар мекунад, аз ҳад зиёд арзёбӣ кардан душвор аст. Муқаррароти қонунгузорӣ дар моҳияти худ яке аз кафолатҳои ҳуқуқии риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд ба шумор рафта, аз татбиқи худсаронаи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ муҳофизат мекунад.

Қайд карда мешавад, ки дар моддаи 11 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар як қоидаи махсус таъкид шудааст, ки тибқи он ҳеҷ як субъект дар содир намудани ҷиноят аз амал ё беамалӣ, агар тибқи қонунгузории дохилидавлатӣ ё ҳуқуқи байналмилалӣ кирдори ҷиноятӣ ҳисоб карда нашавад, айбдор эътироф карда намешавад. Маҳз ба ҳамин тариқ ҷазои вазнинтаре нисбат ба оне, ки дар лаҳзаи моддигардонии кирдори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок бояд татбиқ карда мешуд, набояд муайян карда шавад. Қоидаи ба ин монанд дар моддаи 7 Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ низ зикр шудааст.

Муаллифи диссертатсия параграфи мазкурро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки муқарраroти дар боло зикршуда ислоҳоти заруриро дар бобати манъи татбиқи ҷазои сахттар нисбат ба он ҷазое, ки мебоист дар лаҳзаи содир намудани кирдор таъйин карда мешуд, дар бар мегиранд. Вобаста ба ин ва дар асоси таҳлили моддаи 13 КҶ ҶТ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дорои эътибори ретроактивӣ на танҳо қонунҳое, ки ҷиноятро муқаррар мекунанд ва ё ҷазоро амиқтар мекунанд, вазъи ҳуқуқии маҳкумшударо бадтар мекунанд, мебошанд, балки инчунин қонунҳое низ доро мебошанд, ки ислоҳҳоро дар муқаррар намудани ҷиноят ва мавриди ҷазо будани он ворид накарда, вазъи ҳуқуқии маҳкумшударо тавсиф намекунанд. Илова бар ин, ҳама гуна истисно дар эҳтимолияти ретроактивӣ будани қонуни ҷиддитар, бар замми он, аз нав ҷавобгариро барқарор менамояд, на танҳо ба принсипҳои қонуният, балки ба принсипҳои адолат низ мухолифат мекунад, зеро эҳтимолияти зиёд вуҷуд дорад, ки ҳуқуқҳои қонунии фардҳо вайрон карда мешаванд.

**ХУЛОСА**

Дар хотимаи диссертатсия натиҷаҳои масъалаи таҳқиқшаванда ҷамъбаст гардида, ғояҳои назариявӣ таҳлил карда шуда, пешниҳодҳои амалӣ оид ба такмили КҶ ҶТ аз с. 1998 ироа карда шудаанд.

1.Ба ақидаи диссертант, ҳар як қонуни амалкунандаи ҷиноятӣ дорои ҳаҷми муайяни худ мебошад, ки моҳияти он дар назар ба ҳудуди қонун кашф гардида, дар шарҳи алоқамандии ин санади меъёрии рафтор ба ин ё он меъёри қонунгузорӣ муфассал баён мешавад. **[10-А].**

2.Ба ақидаи муаллиф, ҳудуди амали муваққатии санади меъёриро дар назар дошта, се шарти муҳимтарини онро таъкид кардан зарур аст:

*а) вақти эътибори қонунӣ пайдо кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ;*

*б) вақти қатъ гардидани амали санади меъёрии ҳуқуқӣ;*

*в) татбиқи меъёрҳои ҳуқуқие, ки бо санади меъёрӣ муайян шудаанд, нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқие, ки то эътибори қонунӣ пайдо кардани он зуҳур ёфтаанд.*

Ҳамаи муқарраароти зикргардида мазмуни амали муваққатии қонуни ҷиноятиро мураттаб ифода мекунад.

Андешаҳои назариявии бадастомадаи олимони ватанию хориҷиро мавриди таҳлил қарор дода, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва баъзе ҷанбаҳои амалии вобаста ба амали муваққатии қонун шинос шуда, муаллифи кор пешниҳод менамояд, ки зери амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ робитаи дахлдор байни шакли (формати) қонун ва амали рафтори шахси муносибатҳои ҳуқуқӣ фаҳмида шавад. Робитаи мазкур ҳамчун риоя, татбиқ ва истифодаи меъёри қонунгузорӣ ё ҳамчун татбиқи он нисбат ба намуди муқаррааргардидаи фаъолият, ба ибораи дигар, ба сифати алоқамандии меъёрии ин амали рафтор тавсиф мешавад **[9-А].**

3.Диссертант бар ин назар аст, ки КҶ ҶТ аз с. 1998 тафсилоти нокифояро ба далели мавҷуд набудани моҳияти қонунгузории кирдорҳои давомнок ва идомаёбандаи ҷиноятӣ дар бар мегирад, бинобар ин, ӯ чунин ақида дорад, ки ба Кодекси амалкунанда бояд меъёрҳои махсусе ворид карда шаванд, ки мафҳуми намудҳои зикршудаи кирдорҳоро муайян кунанд **[2-А].**

4.Муаллиф дар натиҷаи таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод менамояд, ки агар ҷазои ҷиноятие, ки ба айбдор таъйин шудааст, аз марзҳои муқаррарнамудаи Кодекси ҷиноятии амалкунанда убур кунад, он гоҳ ҷазо бояд мутаносибан ба камшавии ҳадди аксари намуди додашудаи ҷазо ё намуди сахттари ҷазо аз шумори намудҳои асосии ҷазо кам карда шавад. Агар мавриди камшавӣ ҳамчун намуди сахттарини ҷазо, ҳам он намуди ҷазое, ки ба айбдор барои адо кардан таъйин карда мешавад, қарор гиранд, пас ҷазои ҷиноятӣ мутаносибан ба кам кардани андозаи он ҷазои ҷиноятие, ки ба андозаи назаррас кам шудааст, кам карда мешавад. Илова бар ин, агар Кодекси ҷиноятӣ ҳадди ақали ҷазои ҷиноятии адошавандаро аз

ҷониби шахси айбдор ё ҷазои сахттаринро аз шумори намудҳои асосии ҷазо кам кунад, пас ҷазо бояд мутаносибан ба кам кардани ҳадди ақали ҷазо, ки аз тарафи шахси айбдор адо карда мешавад, ё ҷазои сахттарин аз шумори намудҳои асосии ҷазо кам карда шавад. Дар ҳолате, ки агар дар қонуни нав ҳам ҳадди аксар, ҳам ҳадди ақалли ҷазо, ки аз ҷониби шахси айбдор адо карда мешавад, кам карда шавад, ё ҷазои сахттарин аз шумори намудҳои асосии ҷазо кам карда шавад, пас ҷазои ҷиноятӣ бояд ба таври баробар бо роҳи кам кардани ҳадди аксар ва ҳадди аққал кам карда шавад. **[4-А].**

5.Масъалаи истифодаи қонуни муваққатӣ (ба ибораи дигар, меъёри гузаранда) аз худ дар ҳамон лаҳза дарак медиҳад, вақте аз рӯзи содир шудани кирдор то эълони ҳукм аз ҷониби суд на як, балки ду ва зиёда қонунҳо тағйир ёбанд; дар ин ҳолат вазифаи суд аз он иборат аст, ки масъалаи зайлро ҳал кунад: кадом қонун барои айбдор афзал ва қулай аст муайян намояд?! Қонуне, ки дар рӯзи содир шудани кирдор амал мекард, ё қонуне, ки онро иваз карда, воқеан, муваққатӣ ба шумор меравад, ё сеюм, меъёри комилан наве, ки дар лаҳзаи эълони ҳукм аз ҷониби суд қабул шуда буд?! Айни замон дар Кодекси ҷиноятӣ ҳалли масъалаи додани эътибори ретроактивӣ ба қонуни гузаранда ба мушоҳида намерасад, ки ин байни олимони назарияпардоз баҳси фаъолро дар заминаи таҳқиқи масъалаҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба вуҷуд меорад. Бо назардошти ин, диссертатант қонунан меҳисобад, ки моддаи 13 КҶ ҶТ, ба монанди қонунгузории мамлакатҳои дигар, бо меъёри махсусе, ки тартиби татбиқи эътибори баръаксро нисбат ба қонунҳои муваққатии ҷиноятӣ муайян менамояд, пурра карда шавад **[5-А].**

6.Қайд карда мешавад, ки барои таснифи бешубҳаи кирдори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок таҳлили дақиқи ҳамаи таркибҳои ҷиноят маънои якхелаи сифатӣ дорад. Унсурҳои таркибҳои ҷиноят аз пайвастагии ҷиддии нишонаҳои он иборат мебошанд. Муқарраркунии нодурусти ягон нишонаи алоҳидаи ҷиноят ба арзёбии таркиби ҷиноят дар маҷмӯъ таъсир расонида, дар вазъиятҳои дигар боиси ҷустуҷӯи таркиби ҷиноят дар ҷое мегардад, ки дар он вай тамоман вуҷуд надошта бошад. Бинобар ин, зарур аст, ки ҳалли масъалаҳои марбут ба масъалаи ба қонун додани баргаштпазирӣ на танҳо дар муайян кардани сабуктар ё вазнинтар кардани мавриди ҷазо будани кирдори қонуни нав, балки инчунин дар тағйир додани ҳар яке аз нишонаҳое, ки ба таркиби кирдори дахлдор дохил мешаванд, дида шавад **[16-А].**

7.Диссертант қабули Қарореро аз ҷониби Пленуми Суди Олӣ оқилона мешуморад, ки дар он меъёрҳои Қисми умумии Кодекси ҷиноятии амали фаврӣ тасниф карда шуда, дар айни замон ба категорияҳои зерин тақсим карда шаванд: а) меъёрҳое, ки дертар аз содир намудани кирдор эътибор пайдо кардаанд, бояд мавриди татбиқ қарор дода шаванд (ба ибораи дигар, меъёрҳое, ки ба онҳо қисми 1 моддаи 13 КҶ ҶТ бояд паҳн шаванд – дар бораи ретроактивӣ будани қонун, ки ба тариқи дигар вазъи айбдоре, ки

ҷиноятро содир кардааст, бехтар мекунад); б) меъёрҳое, ки дар лаҳзаи содир намудани кирдор амал мекарданд, на он меъёрҳое, ки дар лаҳзаи ҳал намудани парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби субъектҳои ваколатдор эътибор пайдо кардаанд, бояд мавриди татбиқ қарор дода шаванд (ба ибораи дигар, меъёрҳое, ба онҳо амали қисми 1 моддаи 13 КҶ ҶТ паҳн мешавад – дар бораи он ки, он қонуне, ки ба тариқи дигар вазъи айбдоре, ки ҷиноятро содир кардааст, бадтар мекунад); ва в) меъёрҳое, ки зери меъёрҳои темпоралии зиддиятнок қарор намегиранд, яъне санадҳои меъёриеро татбиқ кардан лозим аст, ки дар лаҳзаи ҳал намудани парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор амал мекарданд **[6-А].**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар асоси таҳқиқоти анҷомшуда ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ниҳоди ҷанбаҳои муваққатии амали қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистони марбут ба азнавсозии он ва масъалаҳои пайдошавандаи эътибори ретроактивии он тавсияҳои зерини илмӣ пешниҳод карда мешаванд:**

1.Дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ, фикру мулоҳизаҳои муҳаққиқон дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мавкеи қонунгузор, ки дар қисми 2 моддаи 12 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, хеле хуб ба назар мерасад. Аммо як ҷузъиёти муҳимро зикр кардан бамаврид аст: аз мазмуни қисми 2 моддаи 12 КҶ ҶТ возеҳияти нисбӣ оид ба масъалаи вақти содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ дар ҷиноятҳои дорои таркибҳои моддӣ, расмӣ ба даст омадааст, вале мутаассифона, ягон хел таърифҳои қонунгузорӣ нисбат ба ҷиноятҳои давомнок ва идомаёбанда мавҷуд нестанд.

**Дар асоси ҷамъбаст ва таҳлили омӯзиши ниҳоди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ хоксорона тавсия карда мешавад, ки ба моддаи 12 КҶ ҶТ аз с. 1998 тезисҳо бо мафҳуми зерин дохил карда шаванд:**

*–қисми 3 «ҳамчун вақти содир намудани ҷинояти дарозмуддат вақти қатъ гардидани ҷиноят новобаста аз бо хоҳиш ё ғайри хоҳиши ҷинояткор қатъ шудааст, эътироф карда мешавад»;*

*–қисми 4 «ҳамчун вақти содир намудани ҷинояти вақти содир намудани амали ҷиноятии охирон аз ҷумлаи қисмҳои таркибии ҷиноятӣ давомдор, эътироф карда мешавад»* ***[8– А].***

2.Қайд карда мешавад, ки ниҳоди шарикиро тарҳрезӣ намуда, мақомоти ҳуқуқэъҷокунанда ба саволи зерин ҷавоб надод: ҳамчун вақти содир намудани ҷиноятҳои бо шарикӣ содиршуда кадом вақтро ҳисобидан лозим аст? Зимнан, таърифи он вазифаи осон набуда, боиси тафсири мутафовити мутахассисон мегардад, ки ин камбудии Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 мебошад.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, зарур дониста мешавад, ки ба моддаи 12 КҶ ҶТ банд бо мафҳуми зерин дохил карда шавад:

*–қисми 5 «ҳамчун вақти содир намудани кирдори ҷиноятӣ барои шарикон зарур аст вақти татбиқи кирдори аз ҷониби қонун манъшудаи аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок аз ҷониби шахс – ҷинояткор эътироф карда шавад»* ***[11-А].***

3.Мутобиқи қисми 2 моддаи 13 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар қонуни нави ҷиноятӣ ҷазои кирдореро, ки шахс барои он ҷазоро адо мекунад, сабук кунад, ҷазои таъйиншуда мувофиқи ҳадди болоии муҷозотти қонуни нави содиршудаи ҷиноятӣ бояд кам карда шавад.

«Мувофиқи ҳадди болоии муҷозот» чиро тасдиқ мекунад? Оё қонуни нав ба ҳамаи маҳкумшудагон барои кирдорҳое дахл дорад, ки нисбат ба онҳо бо ин қонун ҳадди болоии муҷозот паст карда шудааст, ё танҳо ба онҳое паҳн мешавад, ки нисбат ба онҳо ҳадди шадидтар, болоии муҷозоти қонуни нав таъйин шудааст? Гузашта аз ин, ҳукме, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст, чӣ гуна ба қонуни нав мутобиқ карда мешавад? Мутаассифона, дар қисми дуюми моддаи 13 Кодекси ҷиноятӣ ин нуктаҳо шарҳ дода нашудаанд.

Бо назардошти номувофиқ будани меъёри мазкур одилона мебуд матни қисми 2 моддаи 13 КҶ ҶТ бо ишораи зер такмил дода шавад:

*–агар қонуни нави ҷиноятӣ ҷазоеро, ки аз ҷониби шахс адо карда мешавад, сабуктар кунад, пас ин ҷазо барои ҳамаи маҳкумшудагон мутаносибан ба сабук кардани ҷазо дар ҳудуди аксари муқаррарнамудаи қонуни нави ҷиноятӣ кам карда мешавад;*

*–агар ҷазои ба шахс таъйиншуда аз ҳудуди муқаррарнамудаи қонуни нав убур кунад, пас ҷазо мутаносибан ба кам шудани ҳадди болоии намуди додашудаи ҷазо ё намуди сахттарини ҷазо аз шумораи намудҳои асосии ҷазо кам карда мешавад;*

*–агар ҳам намуди ҷазои сахттарин, ҳам он намуди ҷазое, ки ба шахс барои адо кардан таъйин шуда буд, кам шуда бошад, пас ҷазо мутаносибан ба кам шудани андозаи он ҷазое, ки ба дараҷаи бештар кам шудааст, кам карда мешавад;*

*–агар қонуни нави ҷиноятӣ ҳадди поёнии ҷазоеро, ки аз ҷониби шахс адо шуда истодааст, ё ҷазои сахттаринро аз шумори намудҳои асосии ҷазо кам карда бошад, пас ҷазо мутаносибан ба кам шудани ҳадди поёнии ҷазое, ки аз ҷониби шахс адо шуда истодааст, ё ҷазои сахттарин аз шумори намудҳои асосии ҷазо кам карда мешавад;*

*–агар дар қонуни нави ҷиноятӣ ҳам ҳадди болоӣ, ҳам поёнии ҷазое, ки аз ҷониби шахс адо шуда истодааст, ё ҷазои сахттаринро аз шумори намудҳои асосии ҷазо кам карда бошад, пас ҷазо бояд мутаносибан ба кам шудани ҳудуди болоӣ ва поёнӣ кам карда шавад.*

Дар сурати аз ҷониби қонунгузор ба эътибор нагирифтани интишороти илмӣ оид ба масъалаи мазкур, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, тавсияҳое, ки дар кори мазкури илмӣ бевосита ё бавосита пешниҳод шудаанд, хоксорона имокнпазир дониста мешавад ба Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад, ки дастурҳоро оид ба бартараф кардани мураккабиҳо ва ғалатҳои чопӣ дар фаъолияти ҳокимияти ҳуқуқтатбиқкунанда таҳия намояд **[3-А].**

4.Қайд карда карда шудааст, ки дар ҳолатҳои алоҳида баъди содир шудани кирдор то қабули ҳукми суд нисбати шахс эҳтимолияти баланди қабули ду ва ё зиёда қонунҳои ҷиноятӣ мавҷуд аст, ки пай дар пай якдигарро иваз мекунанд ва ин гуна қонунҳоро «қонунҳои муваққатӣ» меноманд. Боиси таассуф аст, ки на моддаи 13 КҶ ҶТ ва на дар дигар моддаҳои Кодекси амалкунандаи ҷиноятӣ роҳи ҳалли масъалаҳоро дар бораи истифодаи ретроактиви қонунҳои муваққатӣ дар бар намегиранд, ки боиси баҳсу мунозираҳои пуршиддати олимони назарияпардозе мегардад, ки дар таҳқиқи масъалаҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ тахассус доранд.

Бо назардошти хулосаҳои дар боло зикргардида, тавсия карда мешавад, ки ба моддаи 13 КҶ ҶТ меъёри муайяне дохил карда шавад, ки дар асоси он тамоми баҳсҳои мавҷудаи ҳуқуқшиносӣ ҳалли худро ёбанд: «агар баъди содир шудани ҷиноят то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм қонунҳое нашр шаванд, ки ҷазоҳои аз ҷиҳати вазнинӣ гуногунро пешбинӣ кунанд, ва ё ҷавобгарӣ барои кирдори додашуда аввал бекор ва баъд нав карда мешавад, пас қонуни барои айбдоршаванда қулайтарин татбиқ карда мешавад» **[18-А].**

Барои роҳ надодан ба душвориҳо ва хатогиҳо дар фаъолияти татбиқи ҳуқуқ ба таври хоксорона тавсия дода мешавад, ки чунин Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шаванд, ки тавонанд таҷрибаи судиро оид ба татбиқи «қонунҳои муваққати ҷиноятӣ» ҷамъбаст намоянд **[7-А].**

**Рӯйхати библиографӣ** санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва корҳои илмиро дар бар мегирад.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДАР МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандае, ки ба рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд:**

**[1-А].** *Ҳайдарова, А.И.* Масъалаҳои татбиқи эътибори баръакси қонуни ҷиноӣ [Матн] / А.И. Ҳайдарова // Маҷаллаи академии ҳуқуқшиносӣ.

Душанбе. Нашриёти Дониш, 2017. № 1-2. С. 97-103. ISSN 2305-0535. (бо забони русӣ).

**[2-А].** *Шарипов, Т.Ш., Ҳайдарова, А.И.* Баъзе масъалаҳои муайян кардани замони содир шудани ҷиноят [Матн] / Т.Ш. Шарифов, А.И. Ҳайдарова // Маҷаллаи академии ҳуқуқшиносӣ. Душанбе. Нашриёти Дониш, 2017. -№ 3-4. -С. 125-131. ISSN 2305-0535. (бо забони русӣ).

**[3-А].** *Ҳайдарова, А.И.* Ретроактивӣ будани (Эътибори баръакси) қонуни ҷиноӣ ҳангоми Ғайриҷуршиносӣ кардани кирдор [Матн] / А.И. Ҳайдарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе. Нашриёти ДМТ, 2018. -№ 2 -С. 224-228. ISSN 2413-5151. (бо забони русӣ).

**[4-А].** *Ҳайдарова, А.И., Шарифов, Т.Ш.* Сабуккунии ҷазо ва эътибори баръакси қонуни ҷиноӣ [Матн] / А.И. Ҳайдарова, Т. Ш.Шарипов, // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе. Нашриёти ДМТ, 2018. – № 5 – С. 248-251. ISSN 2413-5151 (бо забони русӣ).

**[5-А.]** *Ҳайдарова, А.И., Шарифов, Т.Ш.* Ретроактивӣ будани қонуни ҷиноии «мобайнӣ» [Матн] / А.И. Ҳайдарова, Т.Ш. Шарипов // Маҷаллаи академии ҳуқуқшиносӣ. Душанбе. Нашриёти Дониш, 2020. -№3-4 –С. 120-124 ISSN 2305-0535 (бо забони русӣ).

**[6-А].** *Ҳайдарова, А.И., Шарипов, Т.Ш.* Ретроактивӣ будани қонуни ҷиноӣ ва баъзе масъалаҳои таъйини ҷазо [Матн] / А.И. Ҳайдарова, Т.Ш. Шарипов // Ахбороти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе. Нашриёти Дониш, 2021. – № 4, С. 80-86. ISSN 2076-2569 (бо забони русӣ).

**[7-А].** *Ҳайдарова, А.И.* Оид ба масъалаи «эътибори ретроактивии қонуни ҷиноӣ, ки мавриди ҷиноят будани кирдорро бартараф мекунад, ҷазоро сабук мекунад ё ба тариқи дигар вазъи ҳуқуқии шахсеро, ки кирдори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнокро содир намудааст, беҳтар мекунад – кирдори хатарнок» [Матн] / А.И. Ҳайдарова // Маҷаллаи академии ҳуқуқшиносӣ. Душанбе. Нашриёти Дониш, 2022. – № 3 – С. 90-96. ISSN 2305-0535 (бо забони русӣ).

**[8-А].** *Ҳайдарова, А.И.* Баъзе масъалаҳои баҳсноки амали муваққатии қонунгузории ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] / А.И. Ҳайдарова // Ахбороти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе. Нашриёти Дониш, 2022. – № 4. С. 155-159. ISSN 2076-2569 (бо забони рссӣ).

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмию амалӣ нашр шудаанд:**

**[9-А].** *Ҳайдарова, А.И.* Инкишофи таълимот дар бораи амали қонуни ҷиноӣ бо мурури замон [Матн] / А.И. Ҳайдарова // Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсияҳо ва технологияҳо», бахшида ба 25-солагии Истиқлоли-

яти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Нашриёти ҶСК Чопхонаи Дониш, 2016. -С. 280-283.

**[10-А].** *Ҳайдарова, А.И.* Ташаккул ва инкишофи ниҳоди амали қонуни ҷиноӣ бо мурури замон [Матн] / А.И. Ҳайдарова // Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Масъалаҳои мубрами ислоҳоти қонунгузории мурофиавӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ». Душанбе. Нашриёти Визави, 2016. -С 256-260.

**[11-А].** *Ҳайдарова, А.И.* Шарикӣ ва вақти содир намудани ҷиноят [Матн] / А.И. Ҳайдарова // Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсияҳо ва технологияҳо». Душанбе. Нашриёти ҶСК Чопхонаи Дониш, 2017. -С. 63-66.

**[12-А].** *Ҳайдарова, А.И.* «Эътибори баръакси қонуни ҷиноӣ ҳамчун қоидаи татбиқи қонун бо мурури замон» [Матн] / А.И. Ҳайдарова // Маводи конфронси V байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Низоми миллии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ: таҳлили тамоюлҳо ва дурнамоҳои рушд». Душанбе. Нашриёти ДСРТ, 2017.

**[13-А].** *Ҳайдарова, А.И.* «Қонуни нав – кафолатҳои кӯҳна» [Матн] / А.И. Ҳайдарова // Маводҳои мактаби V илмии ҷавонон дар мавзӯи: «Менеҷменти инноватсионӣ». Ереван. -2018. С. 78-82.

**[14-А].** *Ҳайдарова А.И.* «Зиддиятҳои муваққатии ҳуқуқшиносӣ (бархӯрди ду меъёри ҳуқуқӣ)» [Матн] / А.И. Ҳайдарова // Маводи Семинари III байналмилалӣ дар доираи лоиҳаи «Назорати содироти ХБРЯ, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад, оид ба мавод ва технологияҳои таъйиноти дукарата дар Осиёи Марказӣ”. Ереван. -2018. С. 204-210).

**[15-А].** *Ҳайдарова, А.И.* «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан паҳн кардани бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла коронавируси COVID -19 дар мисоли Тоҷикистон» [Матн] / А.И. Ҳайдарова // Маҷмӯаи маводи форуми байналмилалии олимони ҷавон «Амсилаи Назарбоев» – вокуниши стратегӣ ба чолишҳои асри XXI. Платформаи ҳуқуқшиносии «Пост COVID-19: масъалаҳои ҳуқуқӣ». Нурсултон. -2020. С. 12-16.

**[16-А].** *Ҳайдарова, А.И.* «Дар бораи баъзе хусусиятҳои ретроактивӣ будани Қонуни ҷиноӣ» [Матн] / А.И. Ҳайдарова // Маҷмӯаи маводи форуми байналмилалии олимони ҷавон «Амсилаи Назарбаев» – вокуниши стратегӣ ба чолишҳои асри XXI. Платформаи сиёсатшиносони «Қазоқистон дар фазои Авруосиё дар асри XXI». Нурсултон. -2020. С.353-358.

**[17-А].** *Ҳайдарова, А.И., Шарипов, Т.Ш., Камолов, З.А.* «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои ҷиноятии дорои хусусияти шаҳвонӣ нисбати кӯдакони хурдсол тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] / А.И. Ҳайдарова, Т.Ш. Шарипов, З.А. Камолов // Маводи конфронси II байналмилалии илмию амалии «Нақши занон – олимон дар рушди илм,

инноватсияҳо ва технологияҳо». Душанбе. Нашриёти ҶДММ Хирадмандон, 2021. -С. 205-213.

**[18-А].** *Ҳайдарова, А.И., Шарипов, Т.Ш., Камолов, З.А.* «Баргаштпазирии қонуни мулоимтари «мобайнӣ»-и ҷиноӣ» [Матн] / А.И. Ҳайдарова, Т.Ш Шарифов, З.А. Камолов // Маводи конфронси III байналмилалии илмӣ-амалии «Нақши занон – олимон дар рушди илм, инноватсияҳо ва технологияҳо». Душанбе. Нашриёти ҶДММ Хирадмандон, 2022. – С. 217-225.

## АННОТАЦИЯ

**к автореферату диссертации Хайдаровой Азизахон Иргашовны на тему: «Темпоральные аспекты действия уголовного законодательства Республики Таджикистан, сопряженные с его обновлением и возникающими проблемами его ретроактивной силы» на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.08 – Уголовное право и криминология; право исполнения уголовного наказания.**

**Ключевые слова:** преступление, наказание, Уголовный кодекс, уголовная ответственность, темпоральное действия закона, время учинения преступления, длящиеся и продолжающиеся преступления, ретроактивная сила закона, ультраактивность закона, смягчение наказания, сокращение наказания, промежуточные законы, немедленные действия закона, классификация норм, лишение свободы, суд, практика, законодатель.

Диссертация Хайдаровой А.И. посвящена одному из важнейших вопросов теории, законодательства и практики уголовного права -институту темпорального действия уголовного законодательства.

Основной целью диссертационного исследования является проведение научного анализа социально-правовой сущности темпорального действия уголовного закона; ретроактивной силы уголовного закона; пределы действий норм Общей и Особенной части УК в условиях действующего уголовного законодательства и разработка на этой основе предложений и рекомендаций по совершенствованию законодательной и правоприменительной практики.

Новизна, предложенная автором, заключается в разработке и обосновании теоретических подходов определения понятия темпорального действия уголовного закона; в рекомендации правовой закрепленности норм относительно «длящиеся» и «продолжаемых» преступных деяний; о времени учинений преступлений при соучастии; о разработке предложений включение определенной нормы, регулирующее «промежуточные уголовные законы» и т.д.

Проведенный автором комплексный анализ проблемы темпорального действия уголовного закона расширяет представления о социально-правовой природе указанного явления и пределах действия норм Общей и Особенной части УК, является предпосылкой для дальнейшего научного исследования проблемы темпорального действия уголовного закона в доктрине уголовного права.

Обоснованные конкретные предложения и выводы диссертации позволяют совершенствовать национальное уголовное законодательство относительно института темпорального действия уголовного закона и могут быть использованы в правоприменительной практике, а также в учебном процессе в высших учебных заведениях при преподавании предметов: «Уголовное право», «Криминология», «Уголовно-исполнительное право» и «Общих принципов назначения наказания».

## АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳайдарова Азизахон Иргашовна дар мавзӯи: «Ҷанбаҳои муваққатии амали қонунгузории ҷиноятии ҷумҳурии тоҷикистон марбут ба навсозии он ва масъалаҳои пайдошавандаи эътибори ретроактивии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

**Калидвожаҳо:** ҷиноят, ҷазо, Кодекси ҷиноятӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, амали муваққатии қонун, вақти содир намудани ҷиноят, ҷиноятҳои давомнок ва идомаёбанда, эътибори ретроактивии қонун, ултрафаъолнокии қонун, сабук кардани ҷазо, кам кардани ҷазо, қонунҳои мобайнӣ, амалҳои фаврии қонун, таснифоти меъёрҳо, маҳрум кардан аз озодӣ, суд, амалия, қонунгузор.

Диссертатсияи Ҳайдарова А.И. ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини назария, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ – ниҳоди амали муваққатии қонунгузории ҷиноятӣ бахшида шудааст.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ гузаронидани таҳлили илмии моҳияти иҷтимоию ҳуқуқии амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ, эътибори ретроактивии қонуни ҷиноятӣ, ҳудуди амалҳои меъёрҳои Қисмҳои Умумӣ ва Махсуси Кодекси ҷиноятӣ дар шароити қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ва дар ин замина таҳияи пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили амалияи қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ мебошанд.

Навгонии илмии пешниҳодкардаи муаллиф аз таҳия ва асосноккунии муносибатҳои назариявӣ ба таърифи мафҳуми амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ; аз тавсияи таҳкимёфтагии ҳуқуқии меъёрҳо нисбат ба кирдорҳои «давомдор» ва «дарозмуддат» ҷиноятӣ; оид ба вақти содир шудани ҷиноят бо шарикӣ; таҳияи пешниҳодҳо оид ба дохил кардани меъёри муайяне, ки «қонунҳои муваққатии ҷиноятӣ» ва ғайраро танзим мекунанд, иборат мебошад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ, ки аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст, тасаввуротро дар бораи моҳияти иҷтимоию ҳуқуқии падидаи мазкур ва ҳудуди меъёрҳои Қисмҳои Умумӣ ва Махсуси Кодекси ҷиноятӣ васеъ намуда, ҳамчун пешзамина барои гузаронидани таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба масъалаи амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Пешниҳодҳо ва хулосаҳои асосноки мушаххаси диссертатсия диссертатсия имкон медиҳанд қонунгузории миллии ҷиноятӣ оид ба ниҳоди амали муваққатии қонуни ҷиноятӣ такмил дода шуда, дар амалияи татбиқи ҳуқуқ, инчунин дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми таълими фанҳои: «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Криминология», «Ҳуқуқӣ ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ва «Принсипҳои умумии таъйини ҷазо» мавриди истифода қарор гиранд.

## ANNOTATION

**to the dissertation abstract of Haydarova Azizakhon Irgashovna on the topic of: "Temporal aspects of the operation of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan, associated with its renewal and the emerging problems of its retroactive force" for the degree of candidate of legal sciences in the specialty 12.00.08 - Criminal law and criminology; the right to enforce criminal penalties.**

**Keywords**: crime, punishment, Criminal Code, criminal liability, temporal action of the law, time of committing the crime, ongoing and continuing crimes, retroactive force of the law, ultra-activity of the law, mitigation of punishment, reduction of punishment, intermediate laws, immediate action of the law, classification of norms, deprivation freedom, court, practice, legislator.

A.I. Hadarova's dissertation is devoted to one of the most important issues of theory, legislation and practice of criminal law - the institution of the temporal action of criminal law.

The main purpose of the dissertation research is to conduct a scientific analysis of the social and legal essence of the temporal effect of the criminal law; the retroactive force of the criminal law; the limits of the norms of the General and Special parts of the Criminal Code in the conditions of the current criminal legislation and the development on this basis of proposals and recommendations for improving legislative and law enforcement practice.

The novelty proposed by the author lies in the development and justification of theoretical approaches to the definition of the concept of the temporal effect of the criminal law; in the recommendation of the legal fixing of the norms regarding "lasting" and "continued" criminal acts; about the time of committing crimes with complicity; on the development of proposals for the inclusion of a certain rule governing “interim criminal laws”, etc. etc.

The author's comprehensive analysis of the problem of the temporal effect of the criminal law expands the understanding of the social and legal nature of this phenomenon and the limits of the norms of the General and Special parts of the Criminal Code, and is a prerequisite for further scientific research on the problem of the temporal effect of the criminal law in the doctrine of criminal law.

Reasonable specific suggestions and conclusions of the research thesis allow improving the national criminal legislation regarding the institution of the temporal effect of the criminal law and can be used in law enforcement practice, as well as in the educational process in higher educational institutions in the teaching of subjects: "Criminal Law", "Criminology", "Criminal Law" and "General Principles of Sentencing".

Ба чоп __.12.2022 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопии шартӣ 4,5.
Теъдоди нашр 100 нусха. Супориши №___.

734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16
КВД КТН "Шарқи озод"-и Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон